*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

4 ноябри соли 2015, чоршанбе, №45 (1024)

**НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**

## МУЛОҚОТ БО САРОНИ ҲУКУМАТҲОИ КИШВАРҲОИ ИШТИРОКДОРИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ



**30 ОКТЯБР** зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарони ҳукуматҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки барои ширкат дар ҳамоиши навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳои кишварҳои ИДМ ба шаҳри Душанбе ташриф овардаанд, атрофи масоили рӯзномаи ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз таъсири манфии буҳрони иқтисодию молиявӣ ва сиёсию амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон таъкид дошт: " Ба андешаи мо, дар баробари нигоҳ доштани робитаҳои гуногунпаҳлӯ, ИДМ рушди ҳамкории иқтисодӣ ва амниятиро бояд чун самти афзалиятноки фаъолияти минбаъдаи худ муайян намояд".

Таваҷҷуҳи зиёд ба авзои кунунӣ дар шимоли Афғонистон ва таъсири эҳтимолии он ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва сарҳадоти ҷанубии иттиҳод зоҳир гардид.

Иштирокдорони мулоқот доир ба аксари масоили вобаста ба рушди ҳамкории гуногунпаҳлӯ дар доираи ИДМ изҳори ҳамфикрӣ намуданд.

*саҳ. 2*

**Ҳаёти ҳизб**

## ҶОЙГОҲИ ОИЛА ДАР ҶОМЕА

*саҳ. 5*

## МУСОФИРОН ШИКОЯТ МЕКУНАНД, РОНАНДАҲО ЭЪТИРОЗ

*саҳ. 13*

## *ХАТИ НАҲСЕ, КИ САБАБГОРИ ФОҶЕА ШУД*

*саҳ. 8*

Минбари халқ
4 ноябри соли 2015,
№45 (1024)

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: БА ТАҲҚИҚИ ҲОДИСАИ МАРГИ УМАРАЛӢ НАЗАРОВ БОЯД ВОКУНИШИ ҶИДДӢ ШАВАД

**30 октябр дар ҷараёни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Дмитрий Медведев, ки барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони ҳукуматҳои кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба шаҳри Душанбе ташриф оварда буд, баробари мавзӯъҳои ҳамкорӣ дар доираи ИДМ, ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Русия баррасӣ шуд.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти шарокати стратегии Тоҷикистону Русияро таъкид дошта, изҳори бовар намуд, ки ҳамаи масоили рӯзномаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи ду шарики стратегӣ ва муттафиқ ҳаллу фасл шуда, робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории судбахши мо пайваста таҳкиму густариш меёбанд.

Дар мулоқот доир ба авзои кунунии минтақа ва ҷаҳон, хусусан густариши нооромиҳо дар шимоли Афғонистон, ба масоили вобаста ба татбиқи барномаи навсозии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва дастгирии техникии нерӯҳои сарҳадии кишвари мо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Баррасии масоили марбут ба ҳамкории дуҷониба дар соҳаи энергетика, аз ҷумла иҷрои нақшаҳои кории ширкати "Газпром 2"-и Русия дар Тоҷикистон ва фаъолияти нерӯгоҳи обии "Сантӯда-1" ҳам аз мавзӯъҳои муҳими суҳбат буд.



Ба масоили саҳлу содда намудани шароити ҳуқуқии корӣ ва будубоши муҳоҷирони тоҷик дар қаламрави Федератсияи Русия таваҷҷуҳи бисёр зоҳир гардид. Аз ҷумла изҳори бовар карда шуд, ки санҷишу тафтиши кирдорҳои кормандони алоҳидаи мақомоти дахлдори Русия, ки боиси марги кӯдаки 5-моҳаи тоҷик Умаралӣ Назаров дар шаҳри Санкт-Петербург гардид, бо риояи талаботи қонун мунсифона ҷараён меёбад ва омилони ин ҳодисаи нангин ҷазои сазовор мегиранд.

"Мо умедворем, ки ин масъала дар доираи қонун ҳал мешавад ва бо ин кӯшишҳои истифодаи ин қазия аз ҷониби баъзе доираҳои манфиатдор барои тезутунд намудани руҳияи гурӯҳҳои маълум, аз ҷумла дар миёни муҳоҷирони корӣ ва зиён расондан ба муносибатҳои дӯстонаи мо барҳам зада мешаванд", - таъкид дошт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раиси Ҳукумати Русия изҳор дошт, ки рафти таҳқиқи ин ҳодисаи нанговар дар зери назорати худи ӯ буда, барои муайян намудани ҳамаи ҷонибҳои ин рӯйдод гурӯҳи махсуси тафтишотӣ созмон ёфтааст.

# ИМА ҲАМКОРИҲОЯШРО БО ТОҶИКИСТОН ИДОМА МЕДИҲАД

**Масоили вобаста ба муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Амрико дирӯз аз мавзӯи асосии мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷон Керрӣ буд, ки ба Тоҷикистон ташриф овардааст.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташрифи меҳмони олимақомро "нишонаи таваҷҷуҳи рӯзафзуни маъмурияти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба рушду таҳкими муносибатҳои дарозмуддат ва равобити мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон" арзёбӣ намуда, изҳор дошт: "Ҳамкорӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз муҳимтарин авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва барои густариш додани чунин ҳамкории созандаю самаровар мо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод".

Ҷон Керри дар навбати худ аз имкони мулоқот бо Президенти Тоҷикистон изҳори қаноату хушҳолӣ карда, аз ҷумла чунин гуфт:

"Ман имрӯз ниҳоят хурсандам, ки бо Шумо мулоқот мекунам. Инчунин аз он қаноатманд ҳастам, ки имрӯз дар бораи натиҷаҳои вохӯрӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба як хулоса меоем.

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз он ифтихорманд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як кишвари соҳибистиқлол аст ва барои ҳалли масъалаҳои иқтисодии хеш талошҳо меварзад.

Мо минбаъд ҳам ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро идома медиҳем. Ман фикр мекунам, ки ҳамкории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бесабаб нест, зеро Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои мо ниҳоят муҳим мебошад, зеро он ҳамсояи наздики Афғонистон аст ва инчунин масъалаи мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир вуҷуд дорад.

Ман омодагии ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро дар самти беҳтарвардани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ таъйид менамоям".

Зикр гардид, ки ҳоло равобити Тоҷикистону Амрико дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва тиҷорат, бахшҳои гуманитарӣ, маориф ва фарҳанг, беҳдошти аҳолӣ, амният мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва ғайра бо назардошти манфиатҳои ҳарду ҷониб ба таври самаранок рушд меёбанд.

**31октябр Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон мусобиқаи финалии Ҷоми Конфедератсияи Футболи Осиё - 2015 байни дастаҳои "Истиқлол"-и Тоҷикистон ва "Ҷоҳор Дарул Таксим"-и Малайзияро дар варзишгоҳи марказии пойтахт тамошо кард.**

# ТАМОШОИ БОЗИИ "ИСТИҚЛОЛ"-И ТОҶИКИСТОН ВА "ҶОҲОР ДАРУЛ ТАКЗИМ"-И МАЛАЙЗИЯ

Дар ин бозӣ дастаи қаҳрамони секаратаи Тоҷикистон "Истиқлол" бо либоси варзишии сурху сиёҳ ва қаҳрамони дукаратаи Малайзия "Ҷоҳор Дарул Такзим" бо либоси варзишии сафед ба майдон баромаданд.

Боиси хушнудист, ки бо дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат, Раиси Кумитаи олимпии кишвар Эмомалӣ Раҳмон футбол дар Тоҷикистон солҳои охир оммавияти васеъ пайдо намудааст, зеро футболбозони дастаҳои алоҳида ва мунтахаби кишвар бозиҳои шавқовар ва натиҷаҳои умедбахш нишон медиҳанд.

Ин аст, ки сафи мухлисони футбол дар Тоҷикистон низ солҳои охир афзудааст.

Соли 2014 дар саросари кишвар чорабинии бошукӯҳи соли оммавии футбол доир гардид, ки аз тадбирҳои роҳбарияти давлату ҳукумат дар роҳи рушди ин навъи варзиш шаҳодат медиҳад.

Он рӯз майдони марказии варзишии пойтахт, ки дорои беш аз 25 ҳазор ҷойи нишаст мебошад, пур аз ҳаводорони футбол ва мухлисони дастаи мунтахаби Тоҷикистон буд.

Иштироки бевоситаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки аз дӯстдорони воқеӣ ва тарғибгари басо фаъоли варзиш ва тарзи ҳаёти солим дар кишвар аст, натанҳо ба футболбозони тоҷик, балки ба кулли мардуми дар ин майдон ҷамъомада рӯҳу илҳоми тоза бахшид.

Бозӣ басо ҷолибу шавқовар ва бо шиддат ҷараён гирифт. Ҳарду даста ҳам барои ба даст овардани пирӯзӣ иродаи қавӣ ва маҳорату малакаи баланд нишон доданд.



Бозӣ бо ҳисоби 0 бар 1 ба фоидаи дастаи "Ҷоҳор Дарул Таксим"-и Малайзия анҷом ёфт.

Баъди анҷоми бозӣ маросими супоридани Ҷоми Конфедератсияи Футболи Осиё - 2015 ба дастаи ғолиб доир гардид.

*www.president.tj*

**30 октябр ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Душанбе баргузор шуд.**

# ҲАМКОРИҲОИ АМНИЯТӢ ВА ИҚТИСОДӢ БОЯД ТАҚВИЯТ ЁБАНД



Дар кори ҷаласа сарвазирони Арманистон **Овик Абраамян**, Беларус **Андрей Кобяков**, Қазоқистон **Карим Масимов**, Қирғизистон **Темир Сариев**, Русия **Дмитрий Медведев** ва Тоҷикистон **Қоҳир Расулзода** иштирок карданд. Туркманистонро дар ҷаласа муовини раиси девони вазирон ва **Озарбойҷон**у **Ӯзбекистон**ро ноибони сарвазирон, **Украина**ю **Молдова**ро сафирони ин кишварҳо дар назди Кумитаи иҷроияи ИДМ намояндагӣ карданд.

Субҳи ҳамон рӯз **Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон** иштирокдорони ҷаласаро ба ҳузур пазируфт.

Баъдан иштирокдорони ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ масоили рӯзномаро, аввал дар ҷаласаи сатҳи маҳдуд, сипас дар доираи васеъ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар поёни ин нишаст ширкаткунандагон ҳуҷҷатҳоеро дар робита ба натиҷаҳои масоили муҳокимашуда имзо карданд.

Тавре ки дар нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон изҳор шуд, дар ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ лоиҳаи беш аз 40 ҳуҷҷат баррасӣ ва дар робита ба ҳар яке аз онҳо қарори лозим қабул шуд.

Масоили марбут ба рушди ҳамкорӣ дар бахши иқтисод, аз ҷумла татбиқи Шартнома дар бораи фазои тиҷорати озод, фаъолияти мақомоти соҳавӣ дар бахши иқтисодиёт, тадбирҳо ҷиҳати татбиқи марҳалаи сеюми Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ, масоили ҳамкории инноватсионӣ, рақобат дар бозорҳои амвол, такмили шароити хидматрасонии байналмилалии мухобираи барқӣ дар маҳдудуаи ИДМ, энергетика, бозори қоғазҳои қиматбаҳо, ҳамчунин маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти молиявӣ баррасӣ ва дар робита ба ҳар кадом санади ниҳоӣ тасвиб гардид.

Ғайр аз ин, сарони ҳукуматҳо ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи ҳамкорӣ дар бахши тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳамкории байналмилалии ҷавонон, маориф, ёрии тиббию иҷтимоӣ ба собиқадорон, ҷилавгирӣ ва рафъи оқибатҳои вазъиятҳои фавқулодда ва бехатариро баррасӣ намуданд.

Иштирокдорони ҷаласа нақшаи татбиқи марҳалаи сеюми Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2020, ворид намудани тағйирот ба баъзе шартномаю қарорҳои байналмилалии қаблан қабулкардаи ИДМ, ҳамчунин ҷараёни татбиқи нуктаҳои Шартнома дар бораи минтақаи тиҷорати озод аз 18 октябри соли 2011 - ро мавриди муҳокима қарор доданд. Дар ҷаласа нақшаи чорабиниҳо бахшида ба таҷлили 25 - солагии таъсиси ИДМ дар соли 2016 тасдиқ гардид.

Сарони ҳукуматҳои кишварҳои ИДМ самтҳои асосии рушди ояндаи ёриҳои тиббӣ- иҷтимоӣ, беҳтар кардани сифати зиндагии собиқадорони ҷанг, иштирокчиёни муноқишаҳои маҳаллӣ ва аъзои оилаҳои онҳо дар давлатҳои кишварҳои ИДМ барои давраи то соли 2020, маҷмӯи тадбирҳо барои рушду ҳавасмандгардонии истифода аз гази табиӣ ҳамчун маводи сӯзишвории воситаҳои нақлиёт дар маҳдудаи ИДМ барои давраи то соли 2020- ро баррасӣ ва санади лозимро ба тасвиб расоданд.

Иштирокдорон тасмим гирифтанд, ки дар заминаи Донишгоҳи нафту гази ба номи И.М.Губкини Русия Маркази байналмилалии омӯзиш, такмили ихтисоси кормандони бахши истеҳсол, ҳамлу нақл ва нигаҳдорию истифодаи гази табиӣ ҳамчун маводи сӯзишвории автомобил таъсис медиҳанд.

Дар ин ҷаласа гузоришҳо дар мавриди фаъолиятҳои Шӯрои ҳамоҳангсози раҳбарони ниҳодҳои андоз, Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи ветеринарӣ тайи солҳои 2006- 2014 , Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмон, фаъолияти Шӯрои электроэнергетики ИДМ дар муддати солҳои 2011-2014 шунида шуд.

Дар ҷаласа мавзӯи ҳамкории мутақобили кишварҳои аъзои ИДМ дар бахшҳои ҳуқуқӣ ва буҷету молия мавриди баррасӣ қарор дошт.

Иштирокчиёни нишаст тарҳи пешниҳодӣ дар мавриди баргузории ҷаласаи навбатии сарони ҳукуматҳоро дар майи соли 2016 дар Қирғизистон тасдиқ карданд.

Дар анҷоми ҳамоиши сатҳи баланд бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Карим Масимов ва раиси Кумитаи иҷроия - Котиби иҷроияи ИДМ Сергей Лебедев барои намояндагони васоити ахбори омма нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Чанде аз иштирокдорони ин нишаст, аз ҷумла сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Карим Масимов ба роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ва дар сатҳи баланд ташкил намудани кори ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳо изҳори сипосу минатдорӣ намуд.

Таҳлилгарон бар ин назаранд, ки дар нишасти Душанбе камтар масъалаҳои сиёсӣ ва бештар мавзӯъҳои иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баҳс қарор гирифт. Мавзӯъҳое, ки ба тақвияту беҳтар кардани заминаҳои робитаҳои чандҷонибаи кишварҳо вобаста аст.

**Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар пайи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравии пешин дар охири соли 1991 аз ҷумлаи кишварҳои собиқи ин иттиҳод ташкил шуд. Тоҷикистон аз соли 1992 узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, собитқадамона дар тамоми барномаҳои он иштирок мекунад.**

**Кишварҳои узв дар ҳайати ин Иттиҳод қариб 2000 сандаи ҳамкорӣ имзо кардаанд.**

**Аз ин санадҳо қариб 400 санад аз сӯи сарони давлатҳо, ҳудуди 1000 ҳуҷҷат тавассути сарони ҳукуматҳо ва бақия аз ҷониби мақомоти ниҳодҳои мухталифи ин давлатҳо имзо шудаанд.**

**Солеҳ ЮСУФОВ**

**Ҳамкорӣ**

# ИМКОНИЯТҲО ЗИЁД АСТ

**Бо ташаббуси Палатаи савдо ва саноати ҷумҳурӣ рӯзҳои 29-31 октябри соли равон дар МД "Кохи Борбад" аввалин намоишгоҳи байналмилалии "Истеҳсоли Покистон" баргузор гардид.**

Дар маросими ифтитоҳи намоишгоҳ муовини раиси Палатаи савдо ва саноати ҷумҳурӣ Манзура Рустамова аз афзоиши додугирифти дуҷониба изҳори хушнудӣ карда, гуфт, ки агар соли 2011 робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистону Покистон ҳамагӣ 15 миллион долларро ташкил дода бошад, ин рақам соли 2014 ба 90 миллион доллар расид. Баргузории намоишгоҳ дари нави ҳамкориҳоро боз хоҳад кард.

-Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади ҷалби сармоя ва рушди саноат дар мамлакат 4 минтақаи озоди иқтисодӣ ташкил кардааст, - гуфт Манзура Рустамова. Дар ин минтақаҳо барои ҷалбу ҳимояи сармоя, озод кардани сармоягузорон аз андозу боҷи муайяни гумрукӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст. Соҳибкорони покистонӣ метавонанд бо истифода аз ин шароити қулай дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ корхонаи дилхоҳашонро созанд.

Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Тариқ Иқбол Суиро Тоҷикистонро дарвозаи Осиёи Марказӣ барои Покистон номида гуфт, ки ҳанӯз дар робитаҳои иқтисодии ду кишвар на ҳамаи захираву имкониятҳоро пурра истифода кардаанд.

- Бо мақсади рушди робитаҳо баргузории чунин намоишгоҳҳо, самаранок истифода бурдани соҳибкорони покистонӣ аз минтақаҳои озоди иқтисодӣ, баҳрабардории соҳибкорони тоҷик аз бандарҳои Гвадару Карочии Покистон зарур аст, - гуфт Тариқ Иқбол. - Ҳарчӣ зудтар амалӣ шудани лоиҳаи "CASA- 1000" дар робитаҳои иқтисодии ду кишвари бародар саҳифаи наве хоҳад кушод. Ҳамчунин умедворам, ки бо имзо шудани Созишномаи сеҷониба миёни Тоҷикистону Покистон ва Афғонистон такони ҷиддие дар афзудани ҳаҷми робитаҳои тиҷоратӣ миёни Тоҷикистону Покистон гардад.

Президенти Палатаи савдо ва саноати Равалпинди Ҳумоюн Парвиз иброз дошт, ки дар ин намоишгоҳ намояндагони 25 ширкати маъруфи Равалпинди ширкат намуда, маҳсулоти хешро аз қабили газворҳо, атриёт, маснуоти чармӣ, ҳунарҳои кандакорӣ, таҷҳизоти тиббӣ, доруворӣ, трансфарматор ва ғайра пешкаши меҳмонони намоишгоҳ карданд.

Дар доираи намоишгоҳ ҳамоиши соҳибкорони Тоҷикистону Покистон баргузор гардид, ки дар он соҳибкорони ду кишвар оид ба имконияти ҳамкориҳо озодона суҳбат карданд.

Шаҳри Равалпинди 2 сол муваққатан пойтахти Покистон буд. Ҳоло он амалан бо шаҳри Исломобод часпида, яке аз шаҳрҳои саноатии Покистон ба шумор меравад. Ситоди артиши Покистон ва Майдони ҳавоии ба номи Беназир Бҳуттои Исломобод дар ҳудуди шаҳри Равалпинди ҷойгиранд.

Тоҷирони покистонӣ дар баробари пешкаши молҳои ширкатҳои худ инчунин ба талаботи бозори кишварамон ошно шуданд. Дар назар аст, ки ҳаҷми робитаҳои иқтисодии ду кишвари дӯст тайи се соли оянда ба 500 миллион доллар расад.

**С. СУННАТӢ**

Минбари халқ
4 ноябри соли 2015,
№45 (1024)

**Аз 15 то 18 октябри соли равон дар пойтахти Ҷумҳурии мардумии Чин-шаҳри Пекин Форуми байналмилалии ҳизбҳои сиёсии кишварҳои қораи Осиё зери унвони "Роҳи абрешим: камарбанди ягона - роҳи ягона" баргузор гардид.**

# ИҚТИСОД АСОСИ РУШДИ ҶОМЕА

## ВА Ё ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ- ТАҲКИМБАХШИ СУЛҲУ АМНИЯТ




***Дар ин чорабинии бонуфуз роҳбарон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, сарварон ва вакилони Парламентҳои беш аз 50 кишвари Осиё иштирок намуда, масъалаҳои дар Барнома пешбинишударо мавриди муҳокима қарор доданд.***

***Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҳамоиш бо дархости Департаменти байналмилалии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Чин Роҳбари Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдураҳмон Хонов ва мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалии ҳизб Аҳмадрафиқ Ҳомидов иштирок доштанд.***

**Аз Абдураҳмон Хонов пурсидем, ки ҳадафи асосии баргузории ҳамоиш чӣ буд?**

-Дар ҷаҳони имрӯза, ки бештари кишварҳо ва миллатҳо гирифтори буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ гаштаанд, ҳамеша барои раҳоӣ аз ин ҳолатҳо роҳу имкониятҳоро ҷустуҷӯ менамоянд. Дар ин ҷода ҳамеша роҳбарони кишварҳо дар ҷустуҷӯи идеяҳои нав ва ҷавобгӯи талаботи рӯз ҳастанд, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолиро беҳтар кунанд.

Ҳадафи лоиҳаи "Роҳи абрешим: камарбанди ягона - роҳи ягона" низ аз ҳамин иборат мебошад. Рафъи ин буҳронҳо маҳз тавассути ҳамкориҳои мутақобилан судманд, хусусан амалӣ намудани чунин лоиҳаҳои бузург муяссар мешавад.

Ба андешаи ширкаткунандагони чорабинӣ иқтисод асоси рушди ҷомеа ба ҳисоб рафта, ҳадафи ҳама ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ пеш аз ҳама истифодаи захираву имкониятҳо ва роҳу воситаҳо барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва коҳиш додани камбизоатӣ миёни аҳолӣ аст.

Дар ҳамоиш зикр шуд, ки ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ бояд барномаҳои фаъоли бокортаъминкунӣ тахия ва амалӣ гардонида шаванд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки дар маҷмӯъ ба манфиати ҳамаи кишварҳои ҳамкор аст, барои таҳкими сулҳу амнияти минтақа ва ҷаҳон мусоидат менамояд.

**-Дар ин ҷода нақши аҳзоби сиёсӣ, бахусус ҳизбҳое, ки дар мамлакати худ нуфузи зиёд доранду дар Парламент курсиҳои бештарро соҳиб шудаанд, албатта бузург аст.**

-Бале, маҳз ҳизбҳои сиёсии нерӯманди ҳар як кишвар тавассути фароҳам овардани шароиту имкониятҳои мусоид, хусусан дар самти қонунгузорӣ, заминаҳои мувофиқро барои рушди иқтисодиёт ба миён хоҳанд овард.

Зимнан бояд иброз намоям, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии мардумии Чин дар доираи Созишномаҳои батасвибрасида ҳамкориҳои зиёдро ба роҳ мондаанд. Лоиҳаи "Роҳи абрешим: камарбанди ягона - роҳи ягона", ки Ҷумҳурии мардумии Чин роҳандозӣ намудааст, аз ҷониби аксари кишварҳо мавриди ҷонибдорӣ қарор гирифтааст. Ин масъала борҳо мавриди баррасии сарварони кишварҳо низ сурат гирифтааст. Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар ҳамаи мулоқоту вохӯриҳояшон бо Роҳбари Ҷумҳурии мардумии Чин ин масъаларо мавриди муҳокимаҳо қарор дода, дар ин самт ба иҷрои корҳо шурӯъ намудаанд. Дар оянда низ корҳои бузург ба нақша гирифта шудааст.

**-Иштирокчиёни ҳамоиш барои татбиқи лоиҳа чӣ пешниҳоду дархост карданд?**

-Дар форум намояндагони кишвари мизбон ва давлатҳои ширкаткунанда дар атрофи мавзӯи муҳокимашаванда маърӯзаҳо намуда, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва парламентҳои мамлакатҳои дунёро муҷиби рушди кишварҳо ва ба сатҳу сифати баланди зиндагӣ ноил гардидани онҳо арзёбӣ намуданд.

Нақши пешсафии ҳизбҳои сиёсӣ дар сохтмони лоиҳаи "Камарбанди ягона - роҳи ягона", ки бахши муҳими Форуми ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии мардумии Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ буд, иштирокчиён мубодилаи афкор намуда, назари худро роҷеъ ба ҷанбаҳои гуногуни ин лоиҳа баён намуданд. Аксари ширкаткунандагон ин тарҳро ҷонибдорӣ карданд, вале бо қатъият таъкид намуданд, ки дар татбиқ ва амалигардонии он ҳатман манфиатҳои ҳамаи кишварҳо бояд ба инобат гирифта шавад.

**-Мавзӯе, ки шумо ба форум пешниҳод кардед, кадом масъалаҳоро фаро мегирифт?**

- Иштирокдорони ҳамоиш маърӯзаи бандаро таҳти унвони "Ҳамгироии иқтисодӣ: заминаҳо барои рушд" хуб қабул карданд. Қабл аз ҳама аз аҳамияти таърихии "Роҳи абрешим", ки он дар тӯли таърих дар пайванду васли тамаддунҳо, дар густариши тамаддунҳову фарҳангҳо ва тиҷорату мубодилаи мол миёни кишварҳо нақши бузург доштааст, ёдовар шудем.

Ба андешаи инҷониб рушди иқтисодӣ бояд бо принсипҳои адолати иҷтимоӣ мувофиқат намуда, ба беҳтар гардидани зиндагии аҳолӣ нигаронида шавад. Ин ҳадафу мақсадҳоеанд, ки ҷавҳари барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар бахши иҷтимоиёту иқтисод ташкил медиҳанд.

**-Аз ин ҳамоиш боз кадом лаҳзаҳои хотирмонро метавон ба ёд овард?**

-Рӯзи нахустини чорабинӣ бо иштирокчиёни Форум мудири шуъбаи байналмилалии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Сзяжуй машварат намуда, мавқеи ҳар як мамлакатро аз забони иштирокчиёни он вобаста ба татбиқи лоиҳа шунида, ба ҳадафҳои он бори дигар равшанӣ андохт.

Инчунин роҳбарони гурӯҳи намояндагони кишварҳои иштирокчии Форуми ҳизбҳои сиёсии Осиёиро Роҳбари Ҷумҳурии мардумии Чин, Котиби Генералии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Чин Син Сзипин ба ҳузур пазируфт.

Мавсуф зимни суханронии худ ба он ишора намуд, ки дар ҷаҳони имрӯза ҳеҷ кишваре дар алоҳидагӣ наметавонад мушкилотро бартараф созад, ҳарчанд кишвар аз лиҳози масоҳат ва иқтидори иқтисодиаш қудратманд ҳам бошад. Кишварҳои қудратманд бояд ҳамеша манфиатҳои кишварҳои хурд ва рӯ ба инкишофро ба инобат гиранд.

Син Сзипин вобаста ба татбиқи лоиҳаи мавриди баҳс андешаронӣ намуда, таъкид кард, ки ба ояндаи он умедвориҳо дорем ва барои пешрафти иқтисодиёт, муколамаи тамаддунҳо ва суботи сиёсӣ дар ҷаҳон мусоидат хоҳад намуд. Мавсуф зикр кард, ки лоиҳаи мазкур лоиҳаи бузурги глобалӣ аст, ки ба манфиати ҳамаи кишварҳо нигаронида шуда, дар меҳвари он сарфи назар аз миллату мазҳаб ва нажод - инсон қарор гирифтааст.

Ҷаноби Син Сзипин дар идомаи сухани худ зикр намуд, ки мо захираҳои хеле зиёди истифоданашудае дорем, ки танҳо дар ҳамкорӣ ба онҳо шарафёб хоҳем гардид. Гарчанде баъзе кишварҳо ва доираҳо ба ин иқдоми мо бо "айнакҳои ранга" менигаранд, ки то кучо мерасем, вале азми мо бояд баҳри татбиқи ин лоиҳа қатъӣ бошад.

Дар интиҳо ҳуҷҷати хотимавӣ - "Ташаббусҳои Пекин" аз тарафи иштирокчиёни Форум қабул гардид. Дар асоси он бояд намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ асос ва ҳадафҳои Форуми ҳизбҳои сиёсии кишварҳои Осиёро вобаста ба татбиқи лоиҳаи номбурда ба инобат гирифта, барои татбиқи амалии он дар кишварҳояшон талош намоянд. Бешак ҳадафҳои он, ки аз паст намудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини шароити зиндагӣ, фароҳам овардани шароити иҷтимоӣ ва рушди бособут мебошад, барои ҳамаи кишварҳо аз манфиат холӣ нахоҳанд буд. Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо пеш аз ҳама иқдом ва тасмимгириҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ бояд сурат бигирад.

*Мусоҳиб* **Алӣ ҶӮРА**

**Зиёда аз 60 нафар фаъолзанони шаҳру навоҳии ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистонро як масъала ба ҳам овард. Соли оила. Соле, ки Кумитаи марказии ҲХДТ онро зери унвони "Оила - макони меҳру муҳаббат" тӯли соли равон бо гузаронидани маъракаҳои муҳими сиёсӣ дар ҳар гӯшаи диёр, чун дастур ва ҳидояти Президенти муҳтарами кишвар, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.**

# ҶОЙГОҲИ ОИЛА ДАР ҶОМЕА



Тайи ду рӯз 29-30 октябр бонувон аз вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва аз Хатлону Суғд ба Душанбе, ба пойтахт омадаву перомуни ҳалли масоили оила табодули таҷриба намуданд.

Диданд, шуниданд, гуфтанд, омӯхтанд, радду бадали андешаву таҷриба карданд. Рӯзи аввали ин ҳамоиш дар Кумитаи марказии ҲХДТ, ки ташаббускори ин маърака буд, занҳо ба 4 гурӯҳ тақсим гашта, ба чаҳор ноҳияи шаҳри Душанбе рафтанд. Бо сарварии муовини Раиси ҲХДТ Раънохон Бобоҷониён гурӯҳи меҳмонон аз вилоятҳои Суғду Бадахшон Хатлону шаҳри Душанбе ба як қатор корхонаҳои истеҳсолӣ рафтанд.

Муовини раиси кумитаи иҷроияи ибтидоии "Пайванд"-и Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Сементи тоҷик" Тоҷинисо Шомуродова гурӯҳи фаъолзанонро дар утоқи ҳизбӣ пазирой намуда, бо фаъолияти 120 нафар аъзои ҲХДТ дар ин корхона ошно намуд. Мавсуф аз ҷумла саҳми 34 нафар занони ҳизбии ин корхонаро дар мавриди гузаронидани соатҳои сиёсӣ ва фаъолона ширкат доштани онҳо дар кулли корҳои идеологӣ таъкид дошт.

Сипас, бонувон ба хонаи яке аз оилаҳои барӯманди маҳаллаи "Шафтолубоғ"-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе оилаи Қурбоновҳо меҳмон шуданд. Муаллимаи литсейи касбӣ-техникӣ Гулдаста Сайдамирова дар ин маҳалла чун як бонуи хушрӯзгоре, ки ба ҷуз тарбияи шогирдони бешумор боз 6 фарзанди аълохони хешро ҳам ба таври намунавӣ тарбия карда тавонистааст, аз таҷрибаи оиладории хеш ба ҳозирин қисса кард. Сирри хушрӯзгору хуштарбиягии ин зани некномро раиси маҳаллаи мазкур Мавлуда Ҷӯраева дар заковату сахтгирии ин зани оқила дарёфтааст. Вале худи Гулдаста муҳимтарин рукни оилаи хушбахтро дар эҳтироми ҳамдигар ва ҳамдилии зану шавҳар медонад.

### ТЕАТР ХОНАДОНИ МАН АСТ

Мулоқоти навбатии меҳмонони пойтахт дидори муборaки фарҳангие бо актрисаи номдори кинову театр Хайрӣ Назароваи собиқадор дар Театри давлатии драмавии ба номи устод Абулқосим Лоҳутӣ буд.

Ҳунарманди маҳбуби дерошно Хайрӣ Назарова зимни суҳбат аз ҷумла изҳор дошт, ки: "Чунин дидорбиниҳо умри мо пирони рӯзгорро дароз мекунад". Ӯ аз таҷрибаи 65-солаи кории хеш дар театри Лоҳутӣ қиссаи аҷоибе карда, ҳизиринро муътақид сохт, ки театр дар рӯшангарии роҳи мардум, дар тарбияи завқи эстетикии хонадон, дар тарбияи ахлоқи аҳли оила, дар бедор кардани завқи маънавии мардум муҳимтарин корҳоро мекард ва боз бояд анҷом бидиҳад. Тавре маълум гашт, ки ин ҳунарманди маҳбуби шинохта танҳо мактаби ҳаётро гузаштаву дар ягон донишкадае таълими касбӣ нагирифтааст. Вале танҳо устодони воқеан хайрхоҳу дилбастаи ин касб ӯ ва даҳҳо актрисаҳои дигари тоҷикро дар мактаби таҷрибаи корӣ тарбия кардаву ба ин дараҷаи эътироф расонидаанд. Зеро онҳо моро чун фарзандони як хонадони хеш медонистанд, - мегӯяд ӯ.

-Рӯзе кадоме гуфт, ки "Чойхонаи Роҳат" ва театри Лоҳутиро вайрон мекунанду ба ҷояшон биноҳои баландошёна месозанд. Бовар кунед ман се шабу рӯз хоб нарафтаам. Наход ин макони таърихии фарҳангӣ, ин чойхонаи овозадори миллии моро, ки меҳмонони зиёде аз он хотираҳои нек доранд, чаппа кунанд, гуфта ғам хӯрдам, -мегӯяд Хайрӣ Назарова. Ӯ ба хотир овард, ки чӣ тавр баъди дар даҳаи адабиёт ва ҳунар дар Маскав соли 1957 ғолиб омадани тоҷикон шодравон Турсун Ӯлҷабоев ин биноро чун театр ба мо тақдим карданд. Инак, қариб 60 сол ин макони ҳунар ба мардум хидмат мекунад. Хайрӣ Назарова изҳори нигаронӣ намуд, ки ба баъзеҳо мақбул нест, ки мо аз рӯзгори гузашта бештар ҳарф мезанем, вале бе донистани гузашта ояндаро сохтан осон нест, - гуфт ин бонуи ҳунар дар идомаи суҳбат. Воқеан, таърихро инкор кардан, гузаштаро эътироф накардан, пирони рӯзгорро беэътиной намудан аз хислатҳои мардуми мо нест.

Хайри Назароваи 85-сола аз кулли шарикони соҳавияш, дар бораи ҳампешаҳои солҳо бо ҳам заҳматкашидааш аз лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти театрӣ, аз хотираҳои хуши гузаштаву имрӯзаашончунон бо завқ қисса мекард, ки гӯё ин ҳамаро ҳамин ҳоло аз пеши чашм мегузаронд. Ӯ барои ҳозирин аз образи Ҷулетта як нақши олие бозид. Дар ин лаҳзаҳо дар чашмони аз нав ҷавонгаштаи ин бонуи ҳанӯз ҳам зебо шарораҳо барқ мезаданд. Орзуҳо аз нав пар мекушоданд, зиндагӣ ҷӯш мезад, муҳаббат меборид. Ишқ ва завқи беандозае ба зиндагӣ, ба ҳаёт, ба оила, ба набераву абераҳо, ба кору касб, ба театре, ки ӯ дигар ҳаёташро бе он тасаввур намекунад, дар нигоҳи ӯ буд, ба атроф гармии муҳаббат мерехт.

-Ман аз ин сешанбе то он сешанбе зиндаам, ба хотире, ки дар ҳамин рӯз ба театр меоям. Ҳар ҳафтае, ки ба ин даргоҳи муқаддас меоям, аз Худованд умед дорам, ки то дидори навбатӣ бо ҳамкорон ман зинда бимонаму бори дигар ин манзили дуюмамро бибинам.Зеро мо дар ин ҷо чун як оилаем. Оре, оила ин танҳо маънои хешу табори ҳуниро надорад. Оила ин ҷоест, ки дар он меҳру муҳаббат аст, маконест, ки инсон дар он хушбахт аст ва он ҷо будан мехоҳад. Мехоҳад зинда бошад ба хотире, ки боз дар он ҷо бизияд, маънӣ бардоштем аз мулоқоти ин бонуи таҷрибадори рӯзгордида.

Дар идомаи ин суҳбати фарҳангӣ бонуи собиқадори сиёсатмадор Гулчаҳон Бобосодиқова низ ба хотираҳои рӯгардонкардаи Хайрӣ Назарова аз ёддоштҳои хеш қиссаҳо зам намуд. Ӯ низ аз бобии оиладории муосир дар муқоиса ба оилаҳои замони шӯравӣ суҳан гуфта таъкид дошт, ки дар тарбияи ҷавонон ва омода намудани онҳо ба зиндагии оилавӣ бояд мутаваҷҷеҳ бошем. Муаллима низ аз таҷрибаи бойи сиёсатмадории хеш ба бонувони фаъоли ҳизбии имрӯза маслиҳатҳо дод.

Метавон аз чунин суҳбатҳо маънӣ бардошт, ки ҳар касе дар замони худ мезияд ва оиларо ҳам бояд мувофиқи ҳамон замон бунёд кард. Моро месазад, ки наслиояндаро дар сохтани оилаҳои муосир ҳамдаст бошем, бо истифодаи беҳтарин суннатҳои оиладории миллӣ хонаводаҳои тозае бунёд намоем, ки ба замони муосир ҷавобгӯ бошад, ва таҷрибаи устувориву мустаҳкамиро аз хонадории аҷдодии тоҷикон бардоштаву то ба ояндаҳо нигаҳдор бошем. Зеро ҷавони имрӯза вақте мешунавад, ки оила бо таҷрибаи 50 ё 60 соли ҳамзистӣ то ҳанӯз хушбахту побарҷост, бовар карда наметавонад. Зеро арзишҳо хеле тағйир хӯрдаанд. Вале мо бояд нигаҳдорандаи беҳтарин арзишҳои миллии оиладории тоҷикӣ бошем.

### МЕҲР ДАР ХОНА, МУҲАББАТ ДАР КОРГОҲ

Дар корхонаи истеҳсолии "Руҳом" аҳли гурӯҳ бо меҳнати мардону занони ҳунарманди ин коргоҳ ошноӣ пайдо намуданд, ки аз сангҳои қиматбаҳои Тоҷикистони азиз ашёҳои хеле ҷолибу диданӣ, тӯҳфаҳои қиматбаҳое омода менамуданд, ки номи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунанд. Вале ҷолибтарин нуқтаи ин дидорбинӣ дар дигар ҷо нуҳуфта буд.

Садри коргоҳ номзади илм Муфарраҳ Муҳаббатов як марди шинохтаву хушкор ҳарчанд меҳмон пазирой дошту намегузошт, ки нафаре бе таваҷҷуҳ бимонанд, хеле парешон менамуд. Ҳар замоне чашм ба телефони ҳамроҳаш медӯхту ҳар занги он гӯё ӯро як қад мепаронд. Ӯ ба касе дастур медоду таъкид менамуд, ки бо аввалин хабар ӯро огоҳ бисозанд. Ростӣ, мо фикр кардем, ки ин ҳама нооромиҳои мизбон ба фаъолияти меҳнатии ӯ пайванд дорад. Баъди соате якбора дар чеҳраи ин марди хушзавқ хушбахтӣ чун офтоби баҳорӣ русух намуд. Ӯ оҳи сабуке кашиду ба меҳмонҳо меҳрубонтар гашт.

-Худоро шукр, ки занак сиҳату саломат ба замин фаромад, - гуфтани акои Муфарраҳ моро дар ҳайрат гузошт. Маълумамон гашт, ки ҳамсари ин марди воқеан оиладӯст, ки корманди Вазорати маориф аст, аз Бадахшон аз сафари корӣ бармегаштааст то ба замин нишастани чархбол ин мард дар замин ҷои худро намеёфтааст. Инак, он қадар хушбахтие, ки аз чеҳраи ӯ хонда мешуд, бе ягон шарҳу баён, қиссагори як оилаи хушбахт буд, ки воқеан дар он тоҷи меҳру муҳаббати ҳамсарӣ шодкомиву подшаҳӣ дорад.

Барои мо дигар шарҳу эзоҳе дар бораи "Оила - макони меҳру муҳаббат" зарурат надошт. Зеро хурсандиву хушбахтии лаҳзаи дидори ин зану шавҳар, ки мо шоҳиди он будем аз садҳо роману достон ё дастуру насиҳатҳо бештар панд дошт. Табиӣ, ҳаётӣ, бе сохтакорӣ, воқеӣ ва самимӣ буд дидори зану шавҳар баъди чанд рӯзаки ҷудоӣ.

Меҳру муҳаббати хонаводагӣ шиор нест, он амал аст, ки аз назарҳо пинҳон карданаш душвор аст. Хушбахтии зану мардро дар оила ишқу муҳаббати воқеӣ нигаҳдорӣ мекунад, он ё ҳаст ё нест. Зиҳӣ, ба он хонаводаҳое, ки гармии оташдони муҳаббати хонаводагиро то ба охир нигаҳдорӣ карда метавонанд.

Мо гӯё ба коргоҳе рафтем, вале дар он хонадони хушбахтеро дарёфтем. Пас, меҳру муҳаббати оиладорӣ таъсири муҳиме дар кору фаъолияти меҳнатии инсонҳо дорад. Инсон дар ҳоле муваффақ мешавад, ки дар ақибгоҳи ҳаёташ дар хонадонаш тинҷӣ, осудагӣ, меҳру муҳаббат ва эҳтирому вафо побарҷост.

*саҳ. 6*

саҳ. 5

# ҶОЙГОҲИ ОИЛА ДАР ҶОМЕА

**ДАР "ОРИЁНБОНК"**

Дар кумитаи ҳизбии ибтидоии иҷроияи "Ориёфар"-и ҶСШК "Ориёнбонк", ки яке аз мизбонҳои ин ҳамоиш буд, фаъолзанони ҳизбӣ бо маълумоти ҷолибе ошноӣ пайдо намуданд. Дар утоқи кории ҳизби ин бонки овозадор ҳам ҳуҷҷатгузориву коргузории ҳизбӣ дар дараҷаи хеле баланд роҳандозӣ гаштааст.

Ҳалқамо Тӯрахонова масъули кадрҳои "Ориёнбонк" ва Дилбар Абдураҳимова муовини раиси кумитаи иҷроияи "Ориёфар"аз завқи баланди сиёсии раиси ин кумитаи ибтидоӣ Ҳасан Асадуллозода, аз таҷрибаи хуби ӯ дар ин самти корҳои сиёсиву ҳизбӣ ба меҳмонон иттилоъ доданд. Дар ин корхона эҳсос мешуд, ки роҳбарият дар самти ғамхорӣ кардан барои кормандони хеш, барои мизоҷони худ ҳеҷ чизро дареғ надоштаанд. Воқеан роҳбари хуб медонад, ки коргоҳ хонаи дуюми ҳар инсон аст. Агар он ҷо барои одам дилхоҳ набошад, дар кор муваффақ гаштан душвор мешавад. Роҳбари кордон ҳамчун падари ғамхорест, ки ғами гармову сармои хонадон, сериву пурӣ ва фароғату истироҳати аҳли хонаводаро мехӯрад. Масъулияти таҳияи як зиндагии шоистаро барои аҳли байташ дорад. Дар "Ориёнбонк" низ роҳбарият ҳамчунин муносибат ба кормандон дорад, ки як оилаи ғамхор дар ҳаққи фарзандони худ. Ин аст, ки дар ин ҷо узви ҲХДТ будан ба осонӣ муяссар намегардад, барои ин бояд ба тамоми талаботе, ки дар нисбати як узви ҳизб ҷорист, мутобиқат кард. Ин ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ барои баргузории ҳамчунин як ҳамоиши фаъолзанон хидматҳои зиёде карданд. Меҳмонон аз пазироӣ, меҳмондорӣ, ташкили як шоми фарҳангии ватандӯстӣ дар он ҷо бо як ҷаҳон таассурот баргаштанд.

Шоми фарҳангие, ки ҶСШК "Ориёнбанк" барои бонувони фаъоли ҳизбии ҷумҳурӣ таҳия кард, як бори дигар ба он мусоидат намуд, ки ваҳдату ҳамбастагии ҳизбиён, сарсупурдагии онҳо ба Ватан, Президенти худ, ба Ҳизби Ҳалқии Демократӣ, ба идеалҳои олии ҳизбӣ рӯшантар гардид. Дар он сухан аз муҳаббату садоқат ба Ватани маҳбуб ба он ғояҳои созандагии ҳизбе, ки тӯли 21 сол танҳо ба ободкориву пешрафт мусоидат кардааст, буд. Дар ин шом боз як бори дигар фаъолзанон дарк карданд, ки танҳо ваҳдату ҳамбастагии ҳамаи аъзои ҳизб ва садоқату сарсупурдагӣ ба он калиди раҳкушоӣ ба муваффақиятҳои фардост.

Тобиши Ҳилолӣ чун суруди "Қасам"-ро бар матни Искандари Хатлонӣ мехонд, аҳли толор ба по хеста ӯро ҳамовозӣ карданд. Дар ин лаҳзаҳо дар симои ҳар яки онҳо фавҷи муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба онро бо қасам бар лаб метавон чун нишоне аз сарсупурдагиҳои эшон таҷаллӣ дод.

Муҳаббатеро, ки онҳо ба ин марзу бум доранд, метавон бо садоқат пойдор нигоҳ дошт. Ҳамчуноне, ки муҳаббат дар хонадонро. Оре,

Соли оила, ки порае аз сиёсатҳои иҷтимоии пешгирифтаи Президенти Тоҷикистон, Раиси ҲХДТ аст. Ин ҳамоиши сиёсии созмондодаи ҲХДТ бори дигар мусоидат ба он менамояд, ки мо муносибатҳои хонаводагӣ ва иҷтимоии хешро ба сиёсати пешгирифтаи давлат созгор намуда, сарҷамъу тифоқ баҳри оромишу рушди устувори хонаи ягонаамон Тоҷикистон бо сарсупурдагӣ ба по бошем.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# САРҚОНУН

## - ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ

*Манам доротарин одам, Ватан дорам, Ватан дорам,*
*Ками худро нагӯям кам, Ватан дорам, Ватан дорам!*

**ҶАҲОНИ** муосирро бидуни давлатҳои дорои арзу бум ва сарзамини хеш тасаввур кардан ғайри имкон аст. Қисмати аъзами давлатҳои имрӯза соҳибистиқлол буда, ҳокимият ва низоми хоси давлатдории хешро доранд. Яке аз рукнҳои асосии истиқлолият мавҷудияти конститутсияи давлатӣ маҳсуб мегардад. Таҳия ва қабули конститутсия барои ҳар як давлати соҳибихтиёр ибтидои кор буда, моҳиятан сабаби зуҳури маҷмӯи дигар қонунҳои миллӣ мегардад. Дар шароити феълии ҷаҳони муосир шояд дар ҳудуди даҳ ё зиёдтар давлатҳое бошанд, ки ҳанӯз соҳиби конститутсияи хеш нагаштаанд. Боқимонда кишварҳое, ки дорои конститутсияи миллӣ мебошанд ин санади олии меъёриву ҳуқуқӣ ҳамчун қонуни асосии давлату миллат хидмат намуда, асосу бунёди ҷомеа ва сохтори давлатиро муайян сохта онро ба танзим медарорад.

Шояд саволе ба вуҷуд ояд, ки асалан конститутсия худ чист ва чаро амалан ҳар як давлат ба он эътибору тавоноии олии ҳуқуқиро ато менамояд? Мафҳуми "конститутсия" аз калимаи лотинии "constitio" пайдо шуда, маънои он сохтор ва барқарориву танзим мебошад. Сараввал ин мафҳум дар Фаронсаи асрҳои миёна ба хотири аломатгузории санаду ҳуҷҷатҳои сатҳи императорӣ (фармонҳо, гувоҳиномаҳо, ҳукмҳо ва ғайра) истифода гашта, баъдан дар низоми қонунҳои динӣ дар доираи қарорҳои Папаи Рум, ки дар замони муосир ҳамчун "Конститутсияи ҳаворӣ" (апостолӣ) ном бурда мешавад, мавриди истифода қарор мегирифт. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар замонҳои пешин кишварҳо бидуни қонунҳо низоми давлатдории хешро пеш мебурданд. Намунаи аввалини конститутсияҳои имрӯза таҳти унвони "қонунҳои муассисон" аз ҷониби қонунгузорони хос дар шаҳрҳои Юнони қадим қабул мегаштанд. Маъруфтарини онҳо "қонунҳои Солон ва Клисфен" ба шумор мерафтанд, ки намунаҳои онҳо то замони мо расидаанд. Дар Руми қадим бошад, нақши чунин қонунгузорро шоҳ Сервый Тулий мебозид. Ҳатто спартанҳо низ дар шакли шифоҳӣ конститутсияи худро доштанд, ки бо номи "Ретраи бузург" ёд мешуд ва муаллифи он Ликургуро маҳсуб мегашт.

Дар асрҳои миёна яке аз қадимтарин конститутсия, ки имрӯз низ фаъол мебошад, Қонуни асосии "Сан-Марино" ба шумор меравад ва он ҳанӯз дар соли 1600 қабул гардида буд. Қонуни мазкур дар асоси оинномаи шаҳр, ки дар соли 1300 пазируфта шуда буд, тарҳрезӣ гардид.

Дар замони нав низ яке аз аввалин конститутсияҳо "Низомномаи шоҳигарии Бузурги Литва" ба ҳисоб меравад, ки он дар соли 1529 қабул гардида буд. Ба ин конститутсия дар солҳои 1566 ва 1588 иловаву тағйирот ворид шуд. Қонуни мазкур баъдан дар "Паёмҳои Посполит" ва баъдтар дар низоми давлатдории Империяи Россия то соли 1840 ҳамчун конститутсия амал мекард. Дар таърихи башарият аввалин қонуни асосӣ "Конститутсияи Америка" маҳсуб мегардад, ки он ба таърихи 7 декабри соли 1787 дар штати Делавэр қабул шуд ва соли 1789 ба фаъолият шурӯъ кард.

Дар Аврупо якбора ду кишвар Полша 3 майи соли 1791 "Конститутсияи Паёми Посполита" ва Фаронса 3 сентябри ҳамон сол "Конститутсияи Фаронса"-ро қабул карданд, вале фаъолияти онҳо дер давом накард. Сабаби қатъ гаштани фаъолияти ин ҳуҷҷатҳо дар он буд, ки дар Фаронса инқилоб сар зада, сарзамини Полша ба қисмҳои гуногун тақсим шуда буд.

Дар кишвари мо низоми конститутсионализм баъд аз инқилоби Бухоро дар соли 1920 ба тадриҷ амалӣ гашт. Дар асоси қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ба таърихи 27 октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон таъсис ёфт. Баъд аз панҷ соли мавҷудият дар ҳайати Ӯзбекистон 21-28 апрели соли 1929 Анҷумани дуввуми Шӯроҳои ҷумҳурӣ дар хусуси қабули Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард.



Қонуни мазкур ҳамчун аввалин Конститутсияи Тоҷикистон асосҳои сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, роҳу усулҳои умдаи интихобот, низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шаклҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва баъзе масъалаҳои дигарро дар ибтидои низоми давлати навин дар бар гирифта буд. Тибқи муқаррароти ҳуқуқи конститутсионии давлати мутамаркази Иттифоқ конститутсияҳои ҷумҳуриҳои худмухтор бояд баъд аз тасдиқи мақомоти дахлдори сатҳи олии давлати Шӯравӣ амалӣ мегаштанд. Лекин раванди мазкур ҳанӯз оғоз наёфта, аз ҷониби аҳолии ноҳияи (округи) Хуҷанд ба Анҷумани дуввуми шӯроҳҳои ҶМШС Тоҷикистон муроҷиатнома пешниҳод гардид, ки дар асоси он бояд ноҳияи Хуҷанд ба ҳайати Тоҷикистон дохил мешуд. Ин иқдоми ватанпарастонаи мардуми Хуҷанд ва чанд тан аз фарзандони сарсупурдаи миллат боиси он гашт, ки ҶМШС Тоҷикистон ба таъсиси Ҷумҳурии Иттифоқии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ноил гардад. Хамроҳ шудани ноҳияи Хуҷанд барои тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, афзоиши шумораи зарурии аҳолӣ барои таъсиси ҶИШС Тоҷикистон ва васеъ гардидани қаламрави ҷуғрофии он кӯмаки бемисл намуда, рисолати миллии худро дар назди таърих иҷро кард. Ҳамин тариқ, мурожиатномаи мардуми Хуҷанд аз ҷониби мақомоти олии Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфта шуда, масъалаи мазкур ба анҷумани севвуми фавқулоддаи Шӯроҳҳои Тоҷикистон пешкаш гардид ва дар ҷаласаҳои он Эъломия дар бораи табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, бевосита ба ҳайати ҶМШС дохил шудани он, эъломия дар бораи таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, қарор дар хусуси таъсиси ҶШСТ аз 16 октябри соли 1929 баррасӣ ва қабул шуд.

Ин як воқеаи хеле муҳими таърихӣ ва сиёсии кишвари мо маҳсуб мегашт, зеро мувофиқи он Тоҷикистон на дар ҳайати кадом як давлати дигар, балки ҳамчун як кишвари баробарҳуқуқ бо дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ аъзои комилҳуқуқи Иттиҳоди Шӯравӣ гардид. Дар робита ба ин воқеъа лоиҳаи Конститутсияи соли 1929 аҳамияти сиёсӣ ва таърихии худро аз даст дод ва ба ҳукми қонунӣ надаромад.

Баъд аз чанде дар ҷумҳурӣ маъракаи муҳими сиёсӣ, яъне таҳия ва қабули Конститутсияи аввалини Тоҷикистон шурӯъ гардид. Дар муддати се сол аз роҳбарияти ҷумҳурӣ то равшанфикрони кишвар дар таҳияи он саҳми бевоситаи худро гузоштанд. Лоиҳаи конститутсияи мазкур дар доираи талаботи Конститутсияи ИҶШС аз соли 1924 тарҳрезӣ гардида, талаботи меҳварӣ ва калидии он таъмини диктатураи коргарон (пролетариат) ва сохтмони ҷомеаи коммунистӣ дар ин сарзамин маҳсуб меёфт. Билохира ба таърихи 25 феврали соли 1931 Конститутсияи аввалини Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар Анҷумани чаҳоруми шӯроҳои Тоҷикистон қабул гардида, дар Ватани мо конститутсионализм по ба арсаи вуҷуд ниҳод ва ба фазои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ворид шуд. Дар асоси конститутсияи мазкур усули мансубияти ҳокимият ба шӯроҳои вакилони коргарон, деҳқонон ва аскарон эълон гардид.

Конститутсияи соли 1931 аввалин қонуне дар таърихи ҳазорсолаи миллат ба шумор мерафт, ки тибқи моддаҳои 7-21 он ба халқ озодии изҳори ақида, озодии виҷдон, иттиҳоду ваҳдат, имконоти иштирок дар маҷлису гирдиҳамоиҳо ва ғайраро дода буд. Болотар аз ин мувофиқи Конститутсияи мазкур барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёт ва фарҳанги аҳолии кишвар, маҳви бесаводии саросарӣ - таҳсилоти ибтидоӣ, умумӣ ва олӣ ҳатмӣ ва ройгон эълон гардид.

Дар маҷмӯъ Конститутсияи аввалини Тоҷикистон тамоми масъалаҳои низоми давлати шӯравиро дар худ инъикос дода буд.




Дар он масъалаҳои объектҳои моликияти давлатӣ, асосҳои истифодаи онҳо, зарурияти хоҷагидории дастаҷамъӣ ва ғайра сабт шуда, низоми мақомоти намояндагии олии ҳокимияти давлатӣ, яъне анҷумани шӯроҳо, Кумитаи иҷроияи марказии шӯроҳо, раёсати он, инчунин мақомоти иҷроияи олӣ ва марказӣ- Шӯрои комиссариати халқ, вазъи ҳуқуқии Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, ташкили ҳокимияти шӯравӣ дар маҳалҳо, тартиби интихоботи шӯроҳо ва ҳуқуқи буҷавии онҳо муқаррар гардид.

Баъд аз чаҳор соли фаъолият дар моҳи январи соли 1935 дар асоси талаботи давр ва пешниҳоди Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Конститутсии соли 1931 аввалин бор баъзе тағйироту иловаҳо ворид гашта, он аз ҷониби Анҷумани панҷуми шӯроҳои Тоҷикистон қабул шуд. Аз он ҷумла дар хусуси пирӯзии бебозгашти сотсиализм, табдил ёфтани давлати диктатураи коргарон (пролетариат) ба давлати сотсиалистии коргару деҳқон, шӯроҳои вакилони меҳнаткашон - пояи сиёсии давлат, хоҷагидории состиалистӣ ва моликияти сотсиалистӣ - бунёди иқтисодӣ ва иттиҳоди байни табақаи коргару деҳқонон - асоси иҷтимоии Тоҷикистон ва ғайра муайян карда шуданд.

Дар соли 1936 дар сатҳи Иттиҳоди Шӯравӣ Конститутсияи нави он пазируфта шуд ва мувофиқи талаботи Конститутсияи нави ИҶШС ба таърихи 1 марти соли 1937 ба Конститутсияи Тоҷикистон низ баъзе тағйирот илова шуданд.

Дар он дар боби сохти давлатӣ дар асоси ихтиёран дохил шудани Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шӯравӣ, нигоҳ доштани ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии худ, ҳуқуқи озодона баромадан аз Иттиҳод, низоми нави интихобот ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра иловаҳо ворид гардиданд.

Мувофиқи таҳрири нави барномаи Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар соли 1978 сурат гирифт дар конститутсияҳои ҷумҳуриҳои аъзои иттиҳод низ тағйирот ба вуҷуд омаданд. Дар асоси ин рӯйдоди таърихӣ дар ҳамон сол дар Конститутсияи Тоҷикистон низ тағйироту иловаҳо ворид гаштанд. Ба қавли аксарияти ҳуқуқшиносон сабаби дур шудани сохтори сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ аз қонуният ва ба давраи карахтӣ ворид гардидани он ҳамин барномаи ҳизбӣ гашта буд. Ҳамин сарнавиштро Конститутсияи Тоҷикистон низ интизор буд.

Баъд аз шурӯъ шудани ҷунбиши ҷудоихоҳӣ ва марказгурезӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1990 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба таърихи 24 августи ҳамон сол Эъломияи истиқлолияти хешро қабул кард. 9 сентябри соли 1991 ба Эъломияи мазкур баъзе тағйироту иловаҳо дохил шуданд, ки мувофиқи ин тағйирот асосу бунёди соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ боз ҳам васеъ гардид.

Баъд аз шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ дар моҳи декабри соли 1991 ба Эъломияи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва Конститутсияи соли 1978 тағйирот шомил шуданд, ки дар доираи онҳо соҳибихтиёрии воқеии сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даромад. Ба ҳамин тариқ Конститутсияи соли 1978 бо тағйироту иловаҳои лозима то соли 1994, яъне то қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кард.

Сарфи назар аз шароити хеле муташанниҷи сиёсии солҳои 90-ум ва ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ Парламенти кишвар аз тамоми имконоти зеҳнӣ ва таҷрибаи қонунгузории солҳои қаблӣ ҳамаҷониба истифода бурда, тавонист дар кӯтоҳтарин замон лоиҳаи Конститутсияи давраи соҳибистиқлолии ҷумҳуриро пешкаш созад. Баъд аз баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ ва иштироки бевоситаи мардуми кишвар дар беҳбудии он ба таърихи 6 ноябри соли 1994 Сарқонуни давлати мустақили тоҷик баъд аз райъпурсии умумӣ қабул гардид. Дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ дар саросари мамлакат 2 млн. 685 ҳазору 724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуда, дар райъпурсӣ 2 млн. 535 ҳазору 437 нафар ё ин ки 94, 4% иштирок намуданд. Ба ҷонибдории қабули лоиҳаи мазкур 2 млн. 352 ҳазору 554 нафар, ё ин ки 87, 59% овоз доданд. Дар асоси райъпурсии умумимиллӣ Конститутсияи (Сарқонуни) давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд ва шаҳрвандони кишвар бо қабули он саҳифаи нави таърихи давлатдории тоҷиконро кушоданд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 1994 қабул гардид аввалин қонуни асосии кишвар аст, ки аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос ва намояндагони мардумӣ ба забони тоҷикӣ таҳия шуда, ҳамчун истеҳкоми фатҳнопазири демократия дар кишвар пазируфта шуд. Вай ба сифати санади олии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ зербинои ҳуқуқбунёд будани ҷумҳурии моро дар саросари ҷаҳон муаррифӣ кард.

Қисми бунёдии Сарқонуни навро барқарории мақоми давлат ва меъёрҳои муносибатҳо ба сиёсати хориҷии кишвар ташкил медиҳад. Сарқонун ҳамчун қонуни асосии давлат сохтори иҷтимоӣ ва давлатӣ, низоми интихоботӣ, усулҳои таъсис ва фаъолияти сохторҳои ҳокимият ва роҳбарӣ, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои асосии шаҳрвандонро муайян сохтааст.

Сарқонун ба сифати санади олии меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба пояҳои сохтори давлатӣ таҳким бахшида, ташаккули сохторҳои ҳокимияти судӣ, иҷроиявӣ, ҳуқуқу озодиҳои ҳар як тоҷикистониро анҷом медиҳад ва таъсиси худидоракунии маҳаллиро таъмин намудааст.

Сарқонуни нав ҳамчун пойдевори қонунгузорие тарҳрезӣ шудааст, ки муносибатҳои мутақобилаи байни шаҳрвандон ва давлатро муайян мекунад. Ба ибораи дигар Сарқонуни нав зиддияти байни қонунҳои қабулшударо аз байн бурда, намегузорад, ки ҳуқуқҳову озодиҳои шаҳрвандон халалдор гарданд, зеро мавҷудияти худи Сарқонун ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон нерӯи бузурги ҳуқуқӣ дода, шаъну шараф, нангу номус, ихтиёру озодӣ ва иродаи инсонро пуштибонӣ мекунад.

Сарқонуни нав ҷомеаи имрӯзаи кишварро дар паҳнову фазои ягонаи ҷуғрофӣ муттаҳид сохта, онро бо номи давлати тоҷикон дар ҷомеаи башарӣ муаррифӣ сохт.

Сарқонуни нав ҳамчун тазмингари ҳаёту зиндагӣ ва мавҷудияти Тоҷикистони соҳибихтиёр хидмат намуда, ба давлат ҳамчун институти мустақил барои дастгирии якпорчагии марзу бум ва урфу анъаноти пешини ҷомеа ва арзишҳои волои миллӣ хидмат мекунад.

Дар муддати бисту як соли мавҷудияти хеш Сарқонуни нав тавонист соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, аз он ҷумла соҳаҳои нави онро бо назардошти таҳаввулоту тағйирот дар иқтисодиёт, рушди иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳанг ба вуҷуд орад. Воқеан дар ҳар кишваре, ки дар он Конститутсия вуҷуд дорад, бо сароҳат метавон дар ҳусуси ҳуқуқбунёд будани он давлат, ки қонунҳои дигар ва санадҳои зерқонунӣ, ки мавқеи конститутсияро мушаххас месозад, ҳарф зад. Он қонунҳое, ки дар асоси Конститутсия зуҳур мекунанд дар навбати худ асоси муносиботи ҳуқуқиро дар байни шаҳрвандон ва давлат дар симои сохторҳои он, ҳамчунин муносиботи байни худ ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар самтҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ муайян месозанд. Ба ибораи дигар таҳаввулоте, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар ба вуҷуд меоянд, дар ин ё он шакл дар низоми қонунгузории конститутсионӣ инъикос меёбанд.

Бо назардошти ин аввалин тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни нав ба таърихи 26 сентябри соли 1999 ворид шуданд, ки онҳо дар иртибот ба Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом гирифтанд. Дар натиҷаи райъпурсии умумихалқӣ ба 29 моддаи он тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Райъпурсии дуввум оид ба тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни нав ба таърихи 22 июни соли 2003 сурат гирифта, ба дебочаи он тағйироти таҳрирӣ ва ба 54 моддаҳои он дохил карда шуданд.

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи умумибашарӣ давраҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи конститутсионии худро пушти сар намуда, ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ба пешравиҳои бузурге дар самти демократикунонии ҷомеа дастёб гаштааст. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар муддати начандон тӯлонии таърихи навини мавҷудияти хеш марҳила ба марҳила ҳадафҳои асосии давлатдории тоҷиконро, ки аз Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегиранд, амалӣ сохта, ба хотири таъмини баробарии стратегии тамоми қишрҳои ҷомеа дар назди қонун, дар хамгашти пурпечутоби ҷомеаи муосир тавонист ягонагии ҷомеаро нигоҳ дорад ва барои фардои дурахшон қадамҳои устувор бардорад. Сарқонуни нав тавонист миллатро сарҷамъ созад.

Бесабаб нест, ки дар байни ҷашнҳои нави даврони Истиқлол "Рӯзи Конститутсия" ҳамчун рӯзи барои миллат муқаддас таҷлил мегардад, ки ин аз боварӣ ва садоқати мардум нисбат ба давлат ва муқаддасоти он дарак медиҳад.

Ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бояд Сарқонуни хешро гиромӣ дорад, онро омӯзад ва фарзандони хешро низ омӯзонад, зеро ҳамин қонун буд, ки миллатро аз партгоҳҳои нобудиву ҳалокат бираҳонид ва офтоби Истиқлолро бар сараш партавфишон сохт. Дилҳои умедрафтаи ҳар як марди вафодори Ватанро гарм карда, парчами ҷаҳонгиру хиради номовари миллатро бар тоқи Созмони Милали Муттаҳид нурафшон кард. Озодиро, ки шифодиҳандаи дилҳои мардони вафодори Ватан аст, ба ҳар хонадон ворид намуд.

**Абдулвоҳид ШАМОЛОВ**

# *МАСКАНИ ШОДӢ*

***Манам доротарин одам,***
***ватан дорам, ватан дорам,***
***Ками худро нагӯям кам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Агарчи кулбаам одист,***
***вале дил маскани шодист,***
***Фараҳ хезад маро аз ғам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Нанолам аз гаронборӣ,***
***напурсам аз касе ёрӣ,***
***Нагирам қоматамро хам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Ватанро гӯшаи имон бигӯянду***
***Худо додаст***
***Маро имони мустаҳкам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Пайи сарсабзии хокаш,***
***ба мисли абри афлокаш***
***Ба чашми сина дорам нам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Хасисон низ мебахшанд***
***баҳри ҳифзи меҳан ҷон,***
***Ватан касро кунад ҳотам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Ғарибафтодагонро ҷашн***
***аз мотам надорад фарқ,***
***Маро ҷашн аст дар мотам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Надонам вақти беморӣ,***
***ба ҷуз меҳри ватандорӣ***
***Ба дарди ҷони худ марҳам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Нишони ӯ нишони ман,***
***сурудаш дар забони ман,***
***Ба бомам ҷилвагар парчам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***

***Манам доротарин одам,***
***ватан дорам, ватан дорам,***
***Садоям бишнавад олам,***
***ватан дорам, ватан дорам.***



**Муҳаммад ҒОИБ,**
*Шоири халқии Тоҷикистон*

Ҷаҳон ва ҳаводиси он

## СУҚУТИ ҲАВОПАЙМО САБАБИ МАРГИ 224 НАФАР ШУД

**С**ОАТИ 6:21-дақиқаи субҳи 31 октябри соли равон (бо вақти Москва) ҳавопаймои "Аэробус 321"-и ширкати "Когалмавиа"-и Русия баъди 23дақиқаи парвоз аз фурудгоҳи шаҳри Шарм-ул-шайхи Миср ба самти Санкт-Петербург суқут кард. Ин ҳодиса дар 100-километри минтақаи Ал-Ариш, қисми шимолии нимҷазираи Синайи Миср ба вуқӯъ пайвастааст. Ҳамаи 217 мусофир ва 7 нафар сарнишин, ҳалок шуданд.



Дар фазои минтақаи Синай дар нимароҳ масъулини бурҷҳои назоратии Миср назорат ва тамос бо ҳайати сарнишинҳои тайёраро аз даст доданд. Баъд аз суқути ин ҳавопаймо мақомоти амниятии Миср дар минтақа вазъияти фавқулодда эълом карда, макони суқути онро зери назорати шадиди худ қарор доданд

Шоҳидони айнӣ ба хабаргузориҳо гуфтаанд, ки ин тайёра пора-пора шуда ба замин афтодааст, аммо то ҳол сабабҳои суқути онро шарҳ надодаанд.

Қаблан гуфта мешуд, ки ҳамаи қурбоншудагон шаҳрвандони Федератсияи Русия мебошанд, аммо дар миёни қурбониён шаҳрвандони Украина ва Белорус низ будаанд.

Тафтишоти пешакӣ муайян кардааст, ки ҳангоми парвоз, мушкилоти техникӣ дар яке аз муҳаррикҳои ҳавопаймо мушоҳида гардидааст ва сарнишинон барои оҷилан фуруд омадан ба нозирони хатсайрҳои ҳавопаймои мисрӣ дархост фиристодаанд, аммо муваффақ нашудаанд то ҳавопайморо фуруд биёранд.

Дар робита ба ин ҳодисаи фоҷиабор бо фармони Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин 1-уми ноябр дар қаламрави Федератсияи Русия мотам эълон шуда буд. Он рӯз дар тамоми вазорату идораҳо ва мақомоту ташкилотҳо парчами давлатӣ поён фароварда шуда, аз баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ худдорӣ карданд. Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин қаблан изҳори ҳамдардии худро ба тамоми наздикону пайвандони қурбоншудагон расонида, вазорату идораҳои дахлдорро муаззаф кардааст, ки ҷиҳати кӯмак ва расонидани ёрии аввалин ба оилаҳои зарардида чораҳои зарурӣ андешанд. Вазорати ҳолатҳои фавқуллода ва Ассосиатсияи саёҳии ФР алакай ному насаби тамоми мусофирони дар ҳавопаймои суқуткарда қарор доштаро муаяйн кардаанд. Наздикону пайвандони қурбониён рӯзи 6-уми ноябр ба макони ҳодиса ҳоҳанд рафт. Алҳол дар ҷои ҳодиса наздикии минтақаи аҳолинишини Ал-Ариш, корҳои ҷустуҷӯйи таҳқиқотӣ идома доранд. Дар ин соатҳои ҳазин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин барқияи тасаллият ирсол намуда, ба роҳбарият, халқи дӯсти Русия ва ба пайвандону наздикони ҳалокшудагон ҳамдардӣ баён кард.

## ЭЪЛОМИЯИ ҲАМКОРИИ ИМА ВА КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Р**АҲБАРИ Вазорати корҳои хориҷии ИМА Ҷон Керрӣ ва вазирони корҳои хориҷии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дар гуфтушуниди Самарқанд бо пахши як баёнияи муштарак аз таъсиси гурӯҳи ҳамкории С5+1 хабар доданд. Дар ин ҳуҷҷат талоши ширкаткунандагони музокирот ба ҳамкории амиқ дар масъалаҳои мухталиф зикр шудааст. Қабл аз ҳама ин кишварҳо барои муқобилият бо тиҷорати инсон, қочоқи моводи мухаддир ва пуштибонӣ аз амният ва субот дар Афғонистон мусоидат мекунанд. Ҷон Керрӣ раҳбарони ниҳодҳои умури хориҷии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистонро бовар кунонд, ки аз нигаронии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар робита ба вазъият дар Афғонистон огаҳӣ дорад. Ба гуфтаи Керрӣ, ИМА таҳдиду хатарҳои гурӯҳҳои ифротгарои "Ал-Қоида" ва "Давлати исломӣ"-ро дарк мекунанд

# ХАТИ НАҲСЕ, КИ САБ

## ва ё Мортимер Дюранд -

**Имрӯз, ки ҷаҳони муосирро хатароти мухталиф, аз қабили ифротгароиву терроризм, экстремизми диниву мазҳабӣ, миллатгароиву муборизаи синфӣ (ба монанди фаъолияти аҳзоби "чапгаро" дар Аврупову дигар манотиқи олам), миллатгароиву нажодпарастӣ ва амсоли ин зери таҳдиди шадиди худ қарор додааст, аммо дар мавриди пайдоиши таърихии ин гуна зуҳуроти манфӣ кам таваҷҷуҳ карда мешавад.**

**Б**А истиснои коршиносоне, ки бевосита ба ин машғул ҳастанд, қисми ғолиби афрод, аз-ҷумла дар кишвари мо низ аз сарчашмаҳои таърихии моҷарову бархӯрдҳои муосир хабардор нестанд. Ин ҷо мехоҳем сари як чунин моҷаро қадре андешаронӣ бикунем, ки ба фикри мо яке аз сабабҳои асосии бадбахтии ҳамсоякишварамон-Афғонистони ба хоку хун оғӯшта гардида, мӯҷиби хомӯш нагаштани низоъҳои динниву мазҳабӣ дар ин кишвари баргаштабахт шудааст.

Ин моҷарои таърихӣ истилоҳи сиёсӣ дорад, ки онро ном Хати Дюранд аст. Умуман, коршиносон ба ин назаранд, ки худи кишвари Афғонистон ҳамчун воҳиди сиёсӣ як падидаи сунъиест, ки қарни 19 англисҳо рӯйи кор овардаанд. Пеш аз ин қарн ягон замон вожае чун "Афғонистон" ҳеҷ гоҳ зикр нашудааст. Ин минтақа ҳар давру замон давлату аморату хонигариҳои зиёде дидааст, аммо "Афғонистон" ба ҳеҷ вуҷ набуда. Империяи Дурронӣ, Ғазнавиён, шоҳигариҳои Кобулу Ҳироту амсоли ин, ки то як андозае ин сарзаминро зери султаи худ қарор додаанд, аммо ҳеҷ замон "Давлати Афғонистон" рӯйи харитаи минтақа вуҷуд надоштааст. Афғонистонро разведкаи англис барои роҳандозӣ намудани мақсадҳои хеш дар минтақаи паҳновари Осиёи Марказӣ ҳамчун давлати воҳид тавлид кард. Мақсади асосии рӯйи кор овардани ин воҳиди сунъии сиёсӣ садд (ба истилоҳи русӣ "буферное государство") гузоштан ба ҳаракати эҳтимолии артиши рус сӯи "дурдонаи тоҷи Империяи Британия"-Ҳиндустон буд, ки англисҳо аз он хавф доштанд. Ва такя бар ин, ба баъзе бародарони ҳамзабони мо дар фаросӯи рӯдхонаи Панҷ мавзӯи "ғалаба" дар ҷангҳои Англияву Афғонистон (3-ҷанг. 1838-1842, 1878-1880 ва 1919) бояд он қадар мояи ифтихор набошад. Оре, англисҳо кишварро тарк карданд, аммо баъд аз рафтан ҳамеша сари ҳукумати Кобул афроди "худӣ"-ро мемонданд,-яъне "мустақилият"-и Афғонистон нисбӣ будааст. Мусаллам аст, ки миллати афғон алайҳи ғосибон қаҳрамониҳо зоҳир намуд, аммо дар ниҳояти кор аз назари сиёсӣ мағлуб гардид. Тибқи созишномаи соли 1879, ки дар рустои Гандамак, наздики Ҷалолобод миёни қувваҳои даргир баста шуд, амири Афғонистон Муҳаммад Ёқубхон, писари амири фирорӣ Шералӣ, эълон кард, ки "Афғонистон барои дидани ҷаҳон оинае надорад, ба ҷуз оинаи Ҳинд". Яъне, ҳукмронии англисҳо сари кишвар ҳукми қонуниро гирифт, ҳарчанд рӯйи коғаз Афғонистон ҳамоно чун "давлати мустақил" боқӣ мемонд. Дар ин муборизаи геостратегӣ миёни империяҳои Англису Рус, ки "Бозии Бузург"-аш низ меномиданд, англисҳо ҳамеша суд бурдаанд. Ва ҳамин кишвари Афғонистон, ки онҳо моҳирона рӯйи кор овардаанд, имрӯз бо он "коктейл"-и мураттаб аз миллатҳои гуногун бо низоъҳои милливу мазҳабии хеш ва ҷоҳилияти асримиёнагиаш чун як "варами саратонӣ" ("раковая опухоль") аст, ки имрӯз амнияти минтақаро таҳдид мекунад.

Акнун сари Хати Дюранд, ки бо мақсади шинос кардани хонанда хома ба даст гирифтаем. Ин мавзӯъ ҳамеша барои сарони Афғонистону Покистон аз мавзӯъоти ҳассос буда, ки дар замони султаи ҳукуматҳо дар ҳар ду кишвар муносиботи тарафайнро тира месохт. Хати Дюранд-сарҳад миёни Ҳиндустон (аз соли 1947-Покистон) ва Афғонистон аст, ки соли 1893 тибқи созишнома аз ҷониби котиб оид ба корҳои хориҷии ҳукумати Ҳиндустон (мустамликаи Англия) Мортимер Дюранд ва амири Афғонистон Абдурахмонхон муайян карда шудааст. Ин сарҳад, ки 2640 км тӯл дошт, ба қуллаи Сулаймон дарозо кашида, ба англисҳо имконият медод, ки роҳҳои кӯҳӣ ба Афғонистонро таҳти назорати хеш бигиранд. Солҳои 90- уми қарни 19 Англия дар сиёсати осиёимиёнагии хеш ду вазифаро пеши худ гузошта буд: аввалан, онҳо мехостанд сарҳадҳои Афғонистонро ба шимол вусъат дода, афғонҳоро ба ғасби заминҳои Бадахшони мо таҳрик бидиҳанд, ки Русия низ фикри тасарруфи онҳоро дошт. Баъдан, Англия барои худ мавқеи муфиди стратегиро мехост муҳайё созад, то ин ки ба Афғонистон бо таҳдиди ҳамла фишор оварад. Ҳамчунин англисҳо тасарруфи минтақаи баҳсии "қабилаҳои озод"-ро аз вазифаҳои муҳими худ медонистанд, то ин ки Русия ба ин минтақа роҳ наёбад, ба ин минвол роҳҳои душворгузар, аммо аз нуқтаи стратегӣ муҳими кӯҳиро низ таҳти назорати худ гирифтан барои онҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷа буд. Англия ҳалли масъалаи қабилаҳоро ба нафъи худ чун ҷузъи баҳснопазирии на танҳо муносиботи англисӣ-афғонӣ, балки тамоми баҳсҳои Англияву Русия дар Осиёи Миёна медонист. Ҳукумати англисии Ҳиндустон талаботи худро ончунон муҳим медонист, ки амири Афғонистон Абдураҳмонхонро дар сурати ба имзо нарасонидани созишномаи сарҳадӣ таҳдиди ҷанг намуд.

Мортимер Дюранд дар Кобул ду созишномаро ба тасвиб расонд. Дар созишномаи якум сарҳади миёни Русияву Афғонистон қад-қади Амударё, ки соли 1873 муайян гардида буд, тасдиқ карда шуд. Зимни ин созишнома Афғонистон уҳдадор гардид, ки ба Аморати Бухоро (Русия) мулкҳои дар соҳили рости рӯдхонаро-Рӯшону Шуғнонро бар ивази мулкҳои Бухороии соҳили чап (як қисми Дарвоз) бидиҳад. Дар минтақаи Бадахшонии Амударё сарҳади русу афғон ахиран соли 1895 муайян карда шуд. Чуноне маълум аст, ақидаву андешаи миллатеро, ки дар ду соҳили ин рӯдхона ҳазорсолаҳо мезистгоҷиконро сари ин масъала ҳеҷ кас напурсид, чун дар бозии абарқудратон ин умуман муҳимият надошт! Аз ин бар-



меояд, таърихи "табартақсим"-и минтақа ва зарари он ба миллати куҳанбунёди мо ҳанӯз барвақттар ва аз ҷониби дигар "бозигарон" ба амал омада буд.

Бояд қайд кард,ки қонунияти Хати Дюранд ҳамчун сарҳади миёни Афғонистону Ҳиндустони Британиро на танҳо дар созишномаи соли 1893, балки дар дигар санадҳои ҳуқуқӣ- солҳои 1905, 1919, 1921 ва 1930 низ дарҷ гардидааст, ки дар онҳо ҷониби афғон имзои худро гузоштааст. Ҳукуматдорони муосири Афғонистон хати Дюрандро эътироф намекунад ва иброз медоранд, ки ин сарҳад қабилаҳои паштуро, ки қарнҳо ба ин минтақа мезистанд, аз ҳам ҷудо карда, дар ҳаракати озоди онҳо монеаҳо эҷод мекунад. Покистон бошад, ҳамеша оид ба эътироф намудани ин сарҳад манфиатдор буду ҳаст, ки ин мӯҷиби ихтилофоти сиёсии ин кишварҳост.

# АБГОРИ ФОҶЕА ШУД

## ехзани тобути Афғонистон

Коршиносон мегӯянд, ки Покистон дар фоҷиаи Афғонистон ҳамеша нақши бориз доштааст. Онҳо ба ин назаранд, ки ба Покистон давлати қавӣ ва босуботи Афғонистон лозим нест. Покистон ин кишварро ҳамчун ақибгоҳ барои ҷанги эҳтимолӣ бо Ҳиндустон баҳри Кашмир қабул дошта, ҳукумати дастнигарро сари салтанати Кобул дидан мехоҳад. Аммо ин ҷо ду масъалаи ба ҳам тавъами решаи таърихӣ дошта мавҷуд аст, ки муносиботи ҷонибҳои афғону покистониро тира мекунад: аввалан худи "хати Дюранд", баъдан, ғояи бунёди "Паштунистон", ки аз ҷониби Афғонистон дастгирӣ мешавад. Муҳим аст ёдоварӣ кунем, ки баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Исломии Покистон соли 1947, шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ бе ягон шарт онро эътироф намуд. Аммо баъдан муносиботи кишварҳо барои Паштунистон мураккаб гардиданд. Дар Покистон дар хусуси дар ка-



дом давлат-Ҳиндустон ё Покистон зистан райъпурсӣ миёни паштуҳо гузаронида шуд. Паштуҳо Покистони мусалмониро ихтиёр намуданд. Баъд аз гузаронидани райъпурсӣ ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Покистон талабот оид ба паштуҳо додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ пайдо шуданд. Афғонистон муқобили узвияти Покистон дар Созмони Милали Муттаҳид баромад. Луи Ҷирга (парлумон)-и кишвар тамоми санадҳои муяйянкунандаи сарҳадро, ки миёни Афғонистон ва Ҳиндустони англисӣ баста шуда буданд, ғайриқонунӣ эълон намуд.

Нақши фаъолонаи Покистон дар "моҷарои афғонӣ"-ро худи сокинони ин кишвари ҷангзада асосӣ дониста, омили аслӣ ва таҳрикдиҳандаи амалиёти ҷангиро дар кишвар ҳамсоя медонанд. Аммо ҷониби Покистон ин иттиҳомро пайваста рад мекунад. Ҳукуматҳои пешин, шурӯъ аз Зоҳиршоҳу Муҳаммад Довуду Ҳафизулло Амин, Бабрак Кармалу Наҷибулло то андозае масъалаи Паштунистонро аз асбоби сиёсии хеш қарор дода буданд, ки Покистонро ҳамеша "дарди сар"-аш буд. Баъд аз сари қудрат омадани қуввахои муҷоҳидин ҳукумати покистонӣ орзуву омоли хешро сари ҳалли ин масъалаи дар шахсияти яке аз қумандонони хунхор-Гулбиддин Ҳикматёр, ки тарафдори конфедератсияи афғону покистонӣ буд, равона сохт, аммо ӯ низ ин омоли покистониҳоро натавонист пиёда созад. Ҳамин тариқ, рӯйи саҳна бозигари навҳаракати "Толибон" омад. Равоншод Аҳмадшоҳи Масъуд - "Шери Панҷшер",ки мубориза-ро алайҳи ин ҷунбиши террористӣ сарварӣ мекард, иброз дошта буд, "ки ҷанги Афғонистон ҷанги шаҳрвандӣ набуда, Покистон ҳамчун таҷовузкор яке аз иштирокчиёни асосии он аст".

Тибқи иттилои коршиносони афғон, баъд аз забти Кобул аз ҷониби толибон, назди президенти сарнагуншудаи Афғонистон Наҷибулло аввалин шуда намояндагони разведкаи покистонӣ омаданд ва аз ӯ талаб намуданд, ки санади омодашуда оид ба сарҳадро имзо гузорад, аммо ӯ қатъиян рад кард. Баъд ӯро дар яке аз кӯчаҳои шаҳр ба дор овехтанд. Бармеояд, ки марҳум Наҷибулло пеш аз марги хеш боз як қаҳрамонӣ нишон додааст.

Сабаби дигари моҷарои Афғонистон ва нақши бевоситаи Покистон дар ин фоҷеаро таҳлилгарон дар он мебинад, ки Покистон ба ҳеҷ ваҷҳ тарафдори сари қудрат омадани тоҷикон Афғонистон нест. Ҳукумати шодравон доктор Бурҳониддин Раббонӣ, ки вазири мудофиааш қаҳрамони Афғонистон Аҳмадшоҳ Масъуди равоншод буд, ҳамчун "устухон дар гулӯ"-и Исломобод буд, ки хадамоти кашшофии он- ISI дар ҳамдастӣ бо хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ ҷунбиши "Толибон"-ро сари ин ҳукумат таҳрик дод. Чун ҳукумати тоҷикии Кобул метавонист, ки меҳвари сиёсати хориҷии хешро самти Эрон ва Тоҷикистони ҳамзабону ҳамтаъриху ҳамфарҳанг қарор бидиҳад, ки бар кайфияти покистониҳо набуду нест. Аз ин рӯ, Покистон ҳамеша ҷонибдор ба он аст, ки султаи Кобул дасти паштутаборон бошад, ки такя ба "колония"-и сершумори паштуи Покистон як асбоби бисёр муваффақи фишороварие хоҳад буд сари ин кишвари бадбахт.

Қазияи Хати Дюранд "зуҳурот"-и манфие чун Вазиристон (минтақаи "қабилаҳои озод"-и қаблан зикргашта)-ро рӯйи кор оварда, ки имрӯз вазъи анқариб мустақилона дошта, ба пойгоҳу нишемангоҳи террористону ифротгароёни гуногун, аз қабили "Толибон"-у "Ҳаракати исломии Туркистон", "Лашкари ҷангӣ"-ву амсоли ин гаштааст, ки мутаассифона бархе аз ҷавонони гумроҳи моро низ ба вартаи ҳалокатбори хеш кашида. Покистон эълон медорад, ки вазъи Вазиристонро пурра зери даст дорад, аммо коршиносону таҳлилгарон ба ин иддао мутлақо розӣ нестанд.

Ҳамин тариқ, мебинем, ки зиёда аз 60 сол боз ин қазия муносиботи кишварҳоро сард сохтааст. Савол дар он аст, ки чи гуна онро метавон ҳал намуд? Назарҳо дар ин хусус мухталиф ҳастанд. Коршиноси маъруфи амрикоӣ оид ба масоили Афғонистон Бернет Рубин ва таҳлилгар Абубакр Сиддиқӣ аз Донишгоҳи Сулҳи Амрико бовар ба он доранд, ки "эътирофи сарҳади мавҷудбуда ба манфиати на танҳо Афғонистону Покистон, балки ба суди кишварҳои минтақа аст. Чунин сарҳадгузорӣ на танҳо ҳуқуқҳои паштуҳоро ба сифати шаҳрвандони ин ё он кишвар муайян мекунад, балки барои ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангии онҳо шароити мусоид фароҳам месозад". Чунин ақидаро сарвари Ҳизби конгресси миллии Афғонистон Латиф Пидром ҷонибдорӣ мекунад. ИМА низ Хати Дюрандро сарҳади расмии миёни ин ду кишвар медонад. Дар ин маврид баромади намояндаи махсуси ИМА оид ба Афғонистону Покистон Марк Гроссман дар яке аз шабакаҳои телевизионии хусусии афғонӣ бахшида шуда буд. Баъдтар ин нуқтаи назарро котиби матбуотии Департаменти Давлатии ИМА Виктория Нуланд низ тасдиқ кард: "Мавқеи мо дар ин самт тағйир наёфтааст. Мо инро ҳамчун сарҳади аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътирофшуда қабул дорем",- овардааст суханони Нуландро агентии "Пажвок".

Баромади Гроссман вокуниши шадиди ҳукуматдорони Афғонистонро рӯйи кор овард. Вазорати корҳои хориҷии кишвар эълон дошт, ки суханони Гроссман оид ба хати Дюранд бемавқеъ буда, Хати Дюранд масъалаи таърихан муҳим барои миллати афғон аст ва ҳукумати кишвар ҳама гуна изҳороти ҳар афродро нисбати ҷонунияти он беасос медонад".

Аҷиби кор ин аст, ки на танҳо қисми зиёди аҳолии ду кишвар, балки ҳатто баъзе сарваронии онҳо нисбати Хати Дюранд маълумоти кофӣ надоранд. Ман шахсан аз афғонҳои муваққатан маскуни кишварамон оид ба ин қазия пурсон шудам, аммо аз 10-12 нафар танҳо муҳассили аспирантураи яке аз донишгоҳҳои ҷумҳурӣ маълумоти каму беш дода тавонисту халос.

Ҳамин тариқ, мебинем, ки "мерос"-и Мортимер Дюранд имрӯз гурзи сангине сари миллати ҷафокашидаи афғон задааст ва метавон онро ҳамчун яке аз омилҳои асосии рӯйи кор омадани фоҷиаи он донист, ки мутаассифона шамоли шуми он то як андозае сӯи мо ҳам мевазад.

**Азамат ДӮСТОВ**

---

### Ҷаҳон ва ҳаводиси он

## ВУЛУСВОЛИҲОИ ДАШТИ АРЧӢ ВА ЧОРДАРА АЗ ТОЛИБОН ОЗОД ШУДАНД

**НЕРӮҲОИ** Афғонистон дар охири ҳафтаи гузашта марказҳои маъмурии ду вулусволии Дашти Арчӣ ва Чордараи вилояти Кундузро аз ҷангиёни Толибон пас гирифтаанд, вале вулусволии бо ноҳияи Фархори Тоҷикистон ҳаммарзи Дарқад ҳамчунон дар дасти Толибон боқӣ мемонад.

Бино ба иттилои Саидсарвар Ҳусайнӣ, сухангӯи фармондеҳи амнияти вилояти Кундуз алҳол беш аз 60 дарсади қаламрави вулусволиҳои Дашти Арчӣ ва Чордара, ки қариб 8 моҳ боз дар дасти Толибон қарор доштанд, дигарбора таҳти назорати нерӯҳои давлатӣ омадааст. Ба гуфтаи ӯ, дар ин ду вулусволӣ танҳо баъзе рустоҳо дар дасти ҷангиён боқӣ мондааст, вале вазъ ба сурати умум ба фоидаи нирӯҳои давлатии Афғонистон тағйир хӯрдааст.

Ба гуфтаи Ҳусайнӣ дар байни ҷангиёне, ки дар ҷабҳаҳои шимоли Афғонистон аз тарафи Толибон алайҳи нерӯҳои давлатӣ меҷанганд, ҷангиёни тоҷикистониву ӯзбекистонӣ низ зиёданд. Саидсарвар Ҳусайнӣ мегӯяд, ин ҷангиён марбут ба гурӯҳҳоеянд, ки талоши аз тариқи шимоли Афғонистон гузаштан ба он сӯи Омӯ ва густариши фаъолиятҳои худ дар кишварҳои Осиёи Марказиро доранд.

Сухангӯи фармондеҳи амниятии Кундуз афзуд, аз замони тасарруфи маркази ин вилоят аз сӯи Толибон дар поёни моҳи сентябр ба ин тараф дар набардҳо беш аз 1 000 тан аз ҷангиёни Толибон, бо шумули ҷангиёни зодаи Осиёи Марказӣ ҷон бохтаанд.

Дар ҳамин ҳол, Суннатуллоҳ Темур, сухангӯи волии вилояти бо Кундуз ҳамсояи Тахор рӯзи 2 ноябр ба бахши тоҷикии Радиои Озодӣ гуфт, амалиёти густарда алайҳи Толибон дар вулусволии Дарқад ба далели боришоти шадид дар ин минтақа ба таъхир мондааст: "Маркази Дарқад то ҳол дар дасти Толибон боқӣ мемонад. Ин вулусволӣ аз се тараф бо марзи Тоҷикистон ва дарёҳои Панҷу Омӯ барои убури нерӯҳои давлатӣ дастнорас аст ва азбаски бидуни ҳимояти нерӯҳои ҳавоӣ ба роҳ андохтани амалиёти зидди ҷангиён мушкил аст, рондани Толибон аз ин қаламрав тӯл кашид."



## КИЕВ ПЕШНИҲОДИ РУСИЯРО РАД КАРД

**АГЕНТИИ** федералии нақлиёти ҳавоии Русия ба Украина пешниҳод кард, ки дар мавриди дубора сар кардани парвозҳои байниҳамӣ гуфтугӯ сурат гирад, аммо Киев ин пешниҳодро рад кард.

Чунин нома ба Идораи давлатии ҳавоии Украина 28 октябр ирсол шуда буд. Дар ин нома омодагӣ барои идомаи муколама бо мақсади азсаргирии парвози ҳавопаймоҳо миёни ду кишвар дар зудтарин фурсат изҳор шудааст. Намояндаи вазорати зербиноии Украина хабар дод, ки чунин машварат танҳо дар сурате ӯғоз мешавад, ки "агар Русия ҷаримаҳоро пардохт кунаду парвозҳо ба манотиқи дастрасии маҳдуд, асосан ба Қрим қатъ намояд". Украина дар посух ба ғасби нимҷазира парвозҳо барои ширкатҳои ҳавоии русиро 25 октябр манъ кардааст. Чунин манъкунӣ ба ҳазорон мусофир таъсири манфӣ расонид. Онҳо водор мешаванд, ки тавассути хатсайрҳои ғайримустақим ва гаронарзиш парвоз кунанд ва ё ба сафари 13-соата бо поезд омада бошанд.

**«МХ»**

Минбари халқ
4 ноябри соли 2015,
№45 (1024)

*"Сарқонуни кишвар Тоҷикистони моро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали ҳуқуқӣ муаррифӣ намуд, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, барои шароити зиндагии арзанда ба ҳар шахс заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шудаанд".* (Паём-2014)

# КАФИЛИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН

**Конститутсия муқаррар намудааст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Яъне ҳуқуқу озодиҳои инсон чун маҳаки фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф шудаанд.**



Конститутсияи чумҳурӣ ба ҳар кас новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк доираи васеи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодиву ичтимоӣ ва фарҳангиро кафолат додааст, ки барои рушди ҳамачонибаи инсон заруранд.

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи табиӣ ва ҷудонопазири инсон аст, ки Конститутсия онро ба ҳар кас кафолат додааст. Бо дарназардошти ин меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон дар ҳудуди Чумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004 татбиқи ҳукми қатл ба муҳлати номуайян боздошта шудааст. Дар ҷумҳурӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон масъалаи ба тасвиб расонидани Протоколи дуюми факултативии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки мақсад аз он пурра бекор кардани ҷазои қатл мебошад.

Конститутсия муқаррар намудааст, ки ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс намудан мумкин нест. Ҳамчунин ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳо, ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки тибқи он то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ҳеҷ кас дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ тавассути муқаррар намудани маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, манъи бе розигии кас дар бораи ҳаёти шахсии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот таъмин карда мешавад. Ҳар кас бояд имконият дошта бошад, ки бо ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, шинос шавад.

Конститутсия ҳамчунин ҳуқуқу озодиҳои сиёсиро, аз қабили ҳуқуқ ба озодии сухан, истифодаи воситаҳои ахбор, ҳуқуқ ба иштирок дар маҷлису гирдиҳамоиҳо, бевосита ё ба воситаи вакилон иштирок намудан дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, интихоб кардан ва интихоб шудан ва ғайраро муқаррар намудааст.

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи истифода аз дастовардҳои эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ба инсон шароити мусоиди ҳаётро таъмин намуда, барои баланд бардоштани фарҳангу маърифати инсон мусоидат менамоянд.

Конститутсия ғамхорӣ ва ҳимояи махсуси модару кӯдакро кафолат дода, ҳуқуқҳои тарафайни волидайн ва фарзандонро муқаррар намудааст. Ҳуқуқҳои падару модар дар тарбияи фарзандон ифода ёфта, фарзандони болиғу қобили меҳнат дар навбати худ барои нигоҳубин ва таъмини падару модар вазифадоранд.

Таъмини ҳуқуқу озодиҳои номбаршударо бе ташкили механизми ҳифзи онҳо тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳоеро муайян намудааст, ки тавассути онҳо ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин намудан мумкин аст.

Дар низоми механизмҳои ҳуқуқии таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосӣ мебошад, зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар асоси моддаи 64 Конститутсия мураттабии фаъолияти ҳокимияти иҷроияро дар тамоми қаламрави ҶТ таъмин намуда, фаъолияти ин мақомотҳоро назорат мебарад.

Дар низоми мақомоти судӣ Суди конститутсионӣ мавқеи махсус дошта, масъалаи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доштани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян менамояд, ки дар онҳо низ ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар карда мешаванд.

Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ инчунин тавасссути Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, судҳои вилояту шаҳру ноҳияҳо ва судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амалӣ карда мешавад.

Механизми дигари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд назорати прокурорӣ мебошад. Тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти прокуратура" яке аз самтҳои назорати прокурорӣ маҳз бо ҳифзи ҳуқуқи инсон вобаста аст.

Дар низоми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши мақомотҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки солҳои охир ба таҳкими фаъолияти он таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, муҳим аст. Ин ниҳод механизмҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқи инсонро пурра намуда, таъиноти асосии он ҳалли проблемаҳои мавҷудаи ҳуқуқи инсон тавассути назорат ва таҳияи тавсияҳо дар самти ҳуқуқи инсон мебошад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таҳкими ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои таъминкунандаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак корҳои омодагӣ ба таъсис додани боз як чунин мақоми махсусгардонидашуда - мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак идома дорад.

Воситаи дигари кафолати ҳуқуқии таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон адвокатура мебошад. Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Меъёри мазкур минбаъд дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии иқтисодӣ мушаххас гардонида шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро, ки барои таъмини қадру қимат ва шароити арзандаи ҳаёти ҳар шахс заруранд, кафолат додааст. Моро зарур аст, ки ҳар як меъёри онро мувофиқи таъинот татбиқ намуда, баҳри бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона кӯшиш ба харҷ диҳем.

**Р.БАДРИДДИНОВА,**
*сардори шуъбаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*

**Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғози дигаргуниҳои тоза дар самти бунёди давлати мустақил тоҷикон гардид ва бо қабули Конститутсияи нав барпо намудани давлати соҳибистиқлол ва ҷомеаи озоду пешрафтаи шаҳравандӣ ба миён омад.**

# САРЧАШМАИ АСОСИИ ҲУҚУҚӢ



**Иҷлосияи** 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон бо интихоби ҳайати нави ҳукумат ва Раиси Шӯрои Олӣ бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон барои барқарор намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа шароит фароҳам овард. Баҳри иҷрои ин нақшаи азим баъди барҳам хӯрдани сохти шӯравӣ эҷоди сананду қонунҳои нав ва барои ин амал қабули конститутсияи нав зарур буд. Зеро ки дар он марҳила маълум набуд, ки мо кадом роҳи рушди ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатро интихоб менамоем. Бино бар ин, бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи конститутсионӣ таъсис ёфта, он Лоиҳаи Конститутсияи навро таҳия намуд ва 6 ноябри соли 1994 тавассути овоздиҳии умумихалқӣ Конститутсия - Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Меъёрҳои муайяннамудаи Констиутсия барои устувории вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва осоиши мардум хизмат мекунад. Тавре маълум аст, соли 1991 дар пеши назари мардум дар Парлумони онвақта борҳо ба Конститутсия тағйиру иловахо ворид карда шуд, ки ба манфиати ин ё он гурӯҳҳои сиёсӣ хизмат намуда, боиси барканоршавии сарвари давлат гардида буд. Акнун тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар тибқи моддаҳои 98, 99, 100-уми боби 10-уми он танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ мардуми ҷумҳурӣ сурат мегирад ва ягон аҳзоби сиёсӣ ё гурӯҳи одамон бо роҳи зӯрӣ ва фишор ҳуқуқ надоранд, ки ба он тағйиру илова ворид намоянд.

Мавқеи асосиро дар Конститутсия ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ташкил медиҳад. 34 моддаи Конститутсия, яъне сеяки он ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Махсусан, пас аз тағйиру иловаҳое, ки аз 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия ворид гашта, пурра сохт. Тибқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Инсон, хуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд" (м.5). Масъалаи забони миллӣ ва рамзҳои давлат ҳаллу фасли худро ёфтанд. Конститутсия муносибатҳои байни мақомоти марказии ҳокимиятро аз рӯи принсипи таҷзияи он муайян кардааст: "Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қуонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад" (м.9). Халқ ҳокимияти худро бо роҳи ифодаи иродаи худ дар интихобот ё интихоби мақомҳое, ки халқро намояндагӣ мекунанд, ба амал мебарорад.

Яке аз масъалаҳои муҳими давлатдорӣ интихоби институти президентӣ буд. Дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ба ҷойи идоракунии президентӣ тарзи парлумонӣ интихоб гашта буд. Бинобар ин, ҳангоми таҳияи Конститутсия баҳсҳо зиёд гашта ду лоиҳа таҳия гардид ва дар муҳокимаи гурӯҳи корӣ ва Комиссияи конститутсионӣ аксарият "Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ"-ро тарафдорӣ карданд. Дар давоми 21 соли амали Конститутсия дурустӣ ва ба ҳолати кунунии ҷумҳурӣ мувофиқ будани ин роҳ исботи худро ёфт. Конститутсия шакли идоракунии президентиро муқаррар намуд ва тибқи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст (м.64). Президенти кишварро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ интихоб менамоянд.

Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи қонунгузории кишвар ва заминаи рушди муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ барало мушоҳида гардида,- зина ба зина дар устувор гардидани принсипҳои миллии давлатдории навини тоҷикон, яъне дар бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона инъикос мегардад.

**Манзура МУҲАММАДЗОДА,**
*муовини директори Маркази таълимии судяҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

НУҚТАИ НАЗАР

# Бадхоҳон ба мақсад намерасанд

**Миёни мардум гуфтаест: "То сар накунад дард, надонӣ, ки сарат ҳаст". Ва ҳар кӣ лаҳзае аз Ватан дур ва дар ғурбатсаро қарор гирад, он гоҳ ба қадри обу хоки меҳан мерасад ва баъдан дарку ҳис мекунад, ки Ватан чӣ сон ширину гуворост. Ҳарчанд ғарибафтода сарвату ҷоҳу ҷалолро берун аз кишвар соҳиб бошад ҳам, аммо он ҳама ғановату дороӣ ба як қатра оби кишвар баробар намегардад.**

Қудратталабию мансабхоҳии теъдоде аз манфиатхоҳон, ки солҳои навадум амру супориши хоҷагони хориҷиашонро иҷро мекарданд, билохира ҳамватанро бо ҳамватан дар муқобили ҳам гузоштанд ва бародар бо бародар душмани ҷонӣ гашт. Хоҷагони сарватманду аҷнабӣ аз саҳнаи хунини ба намоишгузоштаашон қарсак мезадану халта - халтаҳои долларро тақдими зархаридонашон мекарданд.

Замоне бо амри тақдир гурезаву дур аз Ватандар мулки афғон будам. Медидам, ки чи гуна саркардагони ҲНИТ, ки баъдан ба худ номи ИНОТ-ро гирифтанд, бо хоҷагони хориҷиашон миёни гурезаҳо "ҷумбуҷул" доштанд. Онҳо мардумро гумроҳ карданӣ мешуданд, ки дигар ёди Ватан накунанд, зеро "бародарони исломиашон" дар паҳлӯи онҳоянд. Он замон ҳаракати террористии "Ал - Қоида" аз тарҳу нақшаҳои амалигаштааш истифода бурда, гурезаҳоро "ба оғӯш"-и сарди худ гирифт. Аз гуфтугузори он аҷнабиҳои бесурату бесират аён буд, ки дар ҷанги Тоҷикистон бевосита онҳо низ даст доштаанд. Кишвари Афғонистон, ки пойгоҳи машқу тамрини созмону ҳаракатҳои террористӣ қарор гирифта буд, аз ҳузури паноҳандагони тоҷик ба манфиати худ истифода мебурданд ва аксари ҷавонони тоҷикро шомилу аъзои худ гардонида, "лашкари ислом" таъсис медоданд. Миёни гурезаҳои тоҷик бо ҳар гуна мавъизахониҳои сохтаву бофта ва дур аз ислом баромад карда, паноҳандагонро бовар кунониданӣ мешуданд, ки ҷиҳоду мубориза дар Тоҷикистон фарз аст. Тоҷикони гурезаи дур аз ҳар гуна сиёсатбозиҳову макри аҷнабиён, маводи чун "хайрия" пешниҳодгаштаи ғаразҷӯёнро бо хушӣ қабул мекарданд. Аммо мардуми содаву дар орзуи як бурдаи нон чӣ медонистанд, ки ҳар хӯрданӣ додание дорад ва пушти хайрхоҳи ин "хайрхоҳон" аҳдофи нопоки онҳо ниҳон аст.Ба амсоли имрӯза "Давлати исломӣ", мубаллиғини "Ал Қоида" аз бонувони тоҷик даъват менамуданд, то сатр ба рӯ бикашанд, мардонро водор мекарданд, то риш монанду дигар ба қавли эшон суннатҳои исломӣ ба ҷо оранд. Волидайнро таблиғ мекарданд, то фарзандони ноболиғи худро шомили мактибои исломии Покистону дигар кишварҳо гардонанд. Имрӯз теъдоде аз он толибмони тоҷик дар сафи Толибону дигар гурӯҳҳои ифротгароанд.

"Давлати исломӣ"-и имрӯзаро мебинаму суҳбати он замон бо як пири афғон доштаам пеши назар меояд. Мавсуф ҷалби наврасони тоҷик ба мактибои исломиро дида, бо дард мегуфт, ки "ин бадандешон бо чунин корашон ояндаи барои худ давлати исломии алоҳида бунёд карданианд. Тоҷикони овора агар заррае ақлу идрок доранд, худро аз ин бешарафҳо дур гиранд ва роҳ сӯи Ватан пеш гиранду бо ҳам созиш кунанд". Воқеан ҳам, пешгӯиҳои он пири хирад имрӯз амалӣ гаштанд.

Ин ҷо аз иқдоми хуби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар бояд шуд, ки мавсуф сари вақт толибилмони тоҷикро аз хориҷи кишвар ба Ватан овард. Вагарна имрӯз аксари онҳо шомили "Давлати исломӣ" буданд.

Бо имзо гаштани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, паноҳандагон ба Ватан баргаштанд, ки ин ҷо низ нақши Президенти кишвар хеле калон аст. Баъд аз имзои Созишномаи сулҳ нафарҳое, ки ҳастии миллатро намехостанду зери навои ноҷури хоҷагонашон дар рақс буданд, бо ҳар роҳ мехостанд сулҳи тоҷиконро халалдор созанд. Дар Рашту Бадахшону Суғд ифротиён хостанд аҳдофи нопоки хоҷагони хориҷиашонро амалӣ созанд, аммо ба мақсади зишташон ноил нагаштанд. Чун ноком шуданд, роҳу васили дигар ҷустанд ва худро ҷонибдори бо ном "Давлати исломӣ" эълон карда, ҳар гуна адабиёту фаранҷиву дигар маводи ифротгароиро ворид кишвар гардониданд. Чанде аз наврасу ноболиғи тоҷикро ба доми худ кашида, ба онҳо дастур доданд, то ба хотири ба даст овардани "ризоияти Худованд" парчамҳои сиёҳи "Давлати исломӣ"-ро дар баъзе аз манотиқи кишвар боло кунанд. Дигар аз ҷавонони ба доми тазвири онҳо афтида, равонаи Сурияву Ироқ гаштанд. Имрӯз аз аксари он ҷавонони фиребхӯрда нишоне намонда. Зеро аксари ҷавонони гумроҳшуда ҳадафи тиру туфанг шуданд ва дар дашту ҳомуни мулки араб туъмаи лошахӯрон гаштанд.

Хоҷагони аҷнабӣ чун диданд, ки ин тарҳу нақшаашон низ самар надод, дигар роҳу усулро тарҳрезӣ карданд. Аъзои ҲНИТ ва саркардагони онҳо ҳангомаву валвала карданд, ки гуё дар Тоҷикистон ҳуқуқи онҳоро ниҳодҳои амниятиву интизомии кишвар поймол доранд ва ғайраву ҳоказо. Бо ин васила таваҷҷуҳи хоҷагони сарватманди бурунмарзиашонро ба худ ҷалб карданду бо ин роҳ маблағи зиёде дастрас намуданд. Муовини вазири дифои кишвар Назарзода ва ё "маъруф" ба Ҳоҷӣ Ҳалим, ки собиқ ҷангандаи ИНОТ буд, ба қавли худ бахри "дифоъ" аз "бародарони исломиаш" силоҳ ба даст гирифт ва бо гурӯҳҳои ифротгарояш хост дар кишвар даст ба ошӯби низомӣ занад, аммо ба ҷоҳи кандааш худ ва ҳамроҳонаш афтиданду ноком шуданд. Сарвату пулу моли ваъдакардаи хоҷагонашон дар ҳаво муаллақ монд...

Чун рӯзҳои сахти гурезагиро аз сар гузаронидаам ва пайвандону наздикони худро дар ин ҷанги таҳмилӣ аз даст додаам, бинобар ин ҳам бароям ҳар гуна афкори инқилобпарварию даст ба силоҳ бурдан манфур аст. Бароям манфур он теъдоданд, ки бо дастуру супориши хоҷагонашон мехоҳанд мақсадҳои нопоки худро дар Тоҷикистон амалӣ созанд.

Афсӯс, ки имрӯз дар ҷомеа афроди манфиатҷӯ, яке дар ниқоби вакили дифоъу дигаре афсар ва ғайра мехоҳанд пуштибонӣ аз гурӯҳҳои ифротгарову тахрибкор кунанд. Бузургмеҳр Ёрову чанде аз адвокатҳои ба қавле "маъруф", мехоҳанд аз ҲНИТ ва пешвоёни он, ки дар ҳодисоти рӯзҳои охир даст доранд, пуштибонӣ кунанд. Зеро ӯву ӯ барин даҳҳо манфиатҷӯву "озодихоҳ"-у "демократҷӯ" солиёни сол аст, ки ҳамкосаву ҳамтабақи чунин гурӯҳҳоеанд, ки аз берун идора мешаванду соҳибхоҷаанд. Барои ин теъдод пулу молу сарват болотар аз ҳама муқаддасоти миллист. Аммо инҳо фаромӯш кардаанд, хоне, ки аз ӯ нон хӯрдаиву онро пос намедорӣ, билохира кӯрат мекунад.

Аъмоли чунин афродро сахт маҳкум мекунам ва намехоҳам то дигар хуни ҷавонмарди тоҷик бирезад. Дигар намехоҳам, ки модари тоҷик либоси мотам ба тан пӯшад. Бас аст дигар бо ҳар гуна бадандеш сари як дастурхон нишастану фирефтаи суханони олуда бо макри онҳо гаштан. Ҳар кӣ нангу ори миллӣ дар сар дорад, бояд бо тамоми ҳастии худ аз марзу буми кишвар, аз муқаддасоти Ватан дифоъ кунад. Имрӯз бадхоҳони миллат алайҳи Ватани маҳбубамон дар каминанд ва омодаанд ҳар лаҳза вазъи кишварро муташанниҷ созанд. Танҳо хушёриву бедории ҷавонмардони миллат метавонад ҳар гуна амали нопоки онҳоро ҳадафи хок гардонад.

**Муҳаммадҷон ОДИНАЕВ,**
*собиқ гуреза дар Афғонистон, сокини вилояти Хатлон*

---

**Мо як гурӯҳ собиқ гурезаҳои тоҷик, ки солҳои навадум бо амри тақдир дур аз ватан дар Афғонистон будем, аз таҳаввулоти охир дар кишвар, бахусус ошӯби генерали хоин Ҳоҷӣ Ҳалим сахт ошуфтаву дар ғазабем. Зеро мо ба хубӣ медонем, ки ҷанг чисту чигарбанд аз даст додан чӣ сӯзиши сахте дорад. Сахттар аз ин ҳама дур аз Ватан ва ғарибу мусофири мулки бегона будан аст.**

Дар ғарибӣ чӣ рӯзҳои сахтеро аз сар нагузаронидем: аксари мардум ва атфоли онҳо ба ҳар гуна касалиҳои сироятӣ мубтало гашта, дунёи рӯшанро падруд мегуфтанд. Садҳо нафар аз ҳамватанонамон дар орзуи Ватан ғарибгӯр шуданд. Чандин гуларӯсони зебои тоҷикро бегонаҳо зӯран аз худ карданд.

Ҳар гоҳ, ки мехостем озими Ватан шавем, силоҳбадастони ИНОТ ва ҳадамоти ҷосусии онҳо садди бозгаштамон мешуданд ва ҳар гуна амалҳои нопоки худро роҳандозӣ мекарданд. Ҳатто аввалин қатораи гурезаҳои озими ватаншударо таркониданд, ки хушбахтона касе зарар надид.

Қабл аз ба имзорасии Созишномаи сулҳ ба Ватан баргаштем. Баробари аз қатора пойин шудан тавонанд мақсадҳои нопоку разилонаи худро амалӣ созанд.

Ҳар кӣ мусалмон асту соҳибимону соҳибинсоф, лаҳзае хизматҳои Президент Эмомалӣ Раҳмонро дар тарозуи адл баркашад. Он гаҳ хоҳад дид, ки танҳо ғамхории ӯ дар ҳаққи ятимону бекасон болотару волотар аз ҳама гуна корҳост. Чунин хайрхоҳии Сарвари давлат аз дӯсти Худо будани ӯ дарак медиҳад. Аммо маротибе надидаву нашунидаем, ки ҲНИТ, ки имрӯз аз имону инсофу дигар фаризаҳои Илоҳӣ сару садо баланд мекунад, дасти ятиму бенавое гирифта бошад. Не, инҳо ҳама корро ба манфиати худ мекунанд. На Худоро мешиносанду на мардумро. Маҳз ана ҳамин омил аст, ки Худованд рибохӯриву зиштkoриҳову зинокориҳои онҳоро фош

# КӮР ЯК МАРОТИБА АСОИ ХУДРО ГУМ МЕКУНАД



ашкрезон ҳар пора хоки Ватанро бӯса кардаву ба дидагон мемолидем ва шукрона мекардем, ки бори дигар Ватанро дидем.

Хурсандтарин рӯз бароямон ҳамон рӯзе буд, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳоламон дидан карда буд ва итминонамон бахшид, ки дигар ғаразҷӯе наметавонад амнияти кишварро коҳиш диҳад ва ё даст ба аъмоли нопоки худ занад. Гумон доштем дар Ватан силоҳбадастон озору азиятамон медиҳанд, аммо не, Президенти кишвар ба ваъдааш вафо кард: Дар андак муддат аз силоҳу силоҳдорон осоре намонд, шароити хуби пешбурди зиндагӣ бароямон фароҳам оварда шуд.

Мебояд хизматҳои шоёни Сарвари давлатро бо оби тилло дар китоби таърихи миллат дарҷ кард. Воқеан ҳам, агар Сарвари давлат намебуданд, бовар дорем, ки дар талу теппаҳои Афғонистону дигар мамолик дар орзуи Ватану ёру диёр аллакай туъмаи каргасу даррандаҳо шуда будем.

Дар ҳар намоз дар ҳаққи Сарвари давлат дуои хайр мекунем, ки Худованд нигаҳбони Ҷаноби Олӣ бошад. Маҳз дасти хайру аҳдофи поку беолоиши Сарвари давлат аст, ки бадхоҳу бадтинатон намекард. Фикр мекунем, дигар ба ин афрод дар ҷомеа ҷой нест ва қарори Суди Олӣ дар мавриди мамнуъ эълон кардани фаъолияти ҲНИТ-ро пурра ҷонибдорем.

Мо намехоҳем, ки дигар садои тиру тӯпро шунавем, балки хоҳони шунидани садои карнаю сурнаи ваҳдати миллатем. Дигар намехоҳем, ки фарзандонамон қурбони макру дасисаи чунин афроди ғаразҷӯ гарданд. Бас аст, бас, дигар фирефтаи макру афсуни чунин афроди ғаразҷӯи хоҷапараст асло нахоҳем шуд. Кӯр асошро як маротиба гум мекунад...

Ҳар гуна аъмоли номатлуб ва ғайриинсониро сахт маҳкум мекунем ва ба афроде, ки қасди бо роҳи силоҳу зӯрӣ ба даст овардани қудратро доранд, гуфтанием:

*Ҳар кӣ бо душмании халқ*
*равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш*
*чу гирдоб хурад.*

*Бо эҳтиром*
*собиқ гурезагони мулки афғон*
*аз ноҳияи Шаҳритӯс*

**Ҳ.ФАТТОЕВА, Б.УМАРОВ, Ҳ.САНДАЛОВ, Д.ҲАЙДАРОВ**
*ва дигарон, ҷамъ 100 имзо*

# МУСОФИРОН ШИКОЯТ МЕКУНАНД, *РОНАНДАҲО ЭЪТИРОЗ*

**Билохира аз намоишҳои зиёде дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои телевизионии кишвар дар бораи садамаҳои нақлиётӣ, ки боиси тамбашавии роҳҳои пойтахту нороҳатии ронандагон мешаванд ва ё баъзан бо қурбонии мусофирону пиёдагардон анҷом мёбанд, бандаро водор сохт, ки рӯ ба ин мавзӯъ биёварам.**

**МОШИНИ** тамғаи "Старекс", ки аз мусофирон пур буд, гардиши Қарияи Болоро гашта ба зӯр худашро дошт. Аз дарунаш зани солхӯрдае баромад ва зери лаб чизе гуфта,(аз афташ ронандаро дуои бад мекард) омаду дар канори роҳ истод. Минибусҳои мусофиркаш ба истилоҳи мардум "Старекс"-у "Спринт"-ҳо ду қатор шуда, дар назди гардиши Қарияи Боло истодаанд ва ба хатҳои дуюму сеюми ҳаракати нақлиёт халал ворид намуда, дар роҳи асосӣ тамбаи сунъӣ эҷод мекарданд. Ба тарафи зани солхӯрдае, ки каме пеш аз "Старекс" фуромада буд, нигаристам. Бечора дасту по гум карда ба гирду атрофаш бо тарсу ҳарос нигоҳ мекард. Атбатта, ба дидани ин манзара асаби марди ҷавон тоб намеовард, чӣ расад ба ин зани солхӯрда. Зеро чанд ронанда беист сигнал дода гӯшу майнаи ҳозиронро ба дард меоварданд, дигаре дод зада мусофиронро ба мошинаш даъват мекард, баъзеашон дар болои роҳи пиёдагард манъ карда, парво надоштанд. Гӯё аломати роҳ, яъне "манъ кардани мошин мумкин нест" як лавҳаи реклама бошаду ба онҳо ҳеҷ дахл надорад.

### ШИКОЯТИ МУСОФИРОН

Ба назди зани солхӯрда рафтам.

-Холаҷон чи ҳол доред? Ба куҷо рафтан мехоҳед?- пурсидам. Зоҳиран тарсе, ки ҳангоми манъ кардани "Старекс" ба дилаш асар кард, ҳанӯз гарм буд. Ӯ ба тарафи ман нигоҳ кард:

- Намебинӣ чӣ ҳол дорам, духтарам? Одам пир шуд ҷонаш ширинтар мешудаст. Худо гирад нафси ин мардума (манзураш ронандаҳои минибусҳо) барои як ду танга шуда раҳму шафқатро ҳам аз даст додаанд. Ронандаи "Старекс" чунон тез меронд, ки қариб буд ба мошини дигар бархӯрад. Рости духтарам ман сахт тарсидам. Ягон кас нест, ки ба ҳаминҳо дуруст мошин ронданро таълим диҳад. Ин қадар садамаҳоро дар телевизион нишон медиҳанд, наход, пеши роҳи чунин беэҳтиётии ронандаҳоро гирифта натавонанд. Ҳамин тавр холаи Робия (насабашро нагуфт) бо шикваҳои зиёде аз ронандагони мусофиркаш аз наздам дур шуд. Дар ҳамин асно донишҷӯдухтаре, ки бо ронандаи дигари даъво дошт, диққати маро ба худ ҷалб кард. Аз баҳси мусофир ва ронанда маълум гардид, ки нархи муқарраршудаи хатсайри 19 1 сомониву 60 дирамро ташкил медиҳад, вале ба гуфтаҳои донишҷӯдухтар ронандаҳо ба баҳонаи надоштани танга ҳар рӯз аз ӯ 2 сомониро гирифта, бақияро намедиҳанд. Дилам ба ҳоли духтарак сӯхт. Бечора аз кадом гӯшаи дури кишвар бошад. Албатта, агар аз надоштани маблағ мушкилӣ намекашид, ҳеҷ гоҳ чунин аламангез ҳарф намезад.

Дар дастам борхалта ба сӯи беморхонаи Қарияи Боло раҳсипор шудам. Ба аёдати ҳамсабақи афғонам, ки чанд рӯз пеш дар садамаи нақлиёт ҷароҳат бардошта буд. Холида Фурӯғ дар Тоҷикистон аспирант аст ва мебоист ба наздикӣ рисолаи номзадиашро дифоъ кунад. Вале…

Вақте ки ба пешаш даромадаму ҳолашро дидам, қатраҳои ашки ҳасрат бе ихтиёр аз чашмам ҷорӣ шуданд, зеро Холида ҳоли зору мустамандонае дошт. Ӯ оҷизона ба сӯям нигоҳ карда бо нигоҳаш гӯё сипозгузории хешро баён мекард. Гирду атрофи чашмаш варам ва сиёҳ шудаанду пояш аз ду ҷо шикаста.

- Холидаҷон чӣ шуд, ки ба ин ҳол афтидӣ?-пурсидам ман.

Ӯ бо нимтабассуми маҳзунона:

- Ман ҳеҷ гоҳ фикр накардам, ки ба чунин ҳол меафтам. Ронандаҳои ин ҷо мутарро хеле беэҳтиёт меронанд. Яъне суръати ҳаракаташон баланд аст. Хуб ба хотир дорам, вақте мехостам дар назди Боғи ҳайвонот аз он тарафи роҳ бигзарам, мошини сабукраве бо суръати хеле тез омад ва дигар чизе дар ёдам нест. Баъди чанд лаҳза чашмонамро кушодам, ки дар бемористон ҳастам..

### ГИЛАИ НОЗИРОНИ РОҲ

-Ҳуҷҷатҳоятро нишон деҳ!- дод мезад нозири роҳ бар сари ронанда. Ронанда низ дилу бедилон чанд коғазпораеро гирифта ба дасти ӯ дод. Путёвка надорӣ ку?-гуфта ручкаро болои кадом ҳуҷҷате гузошта интизор шуд. - Пур накунед, акаҷон, ҷаримаро месупорем,- зорӣ мекард ронанда. Ва чанд сомонӣ аз кисааш гирифта кӯшиш мекард ба ҷайби нозир андозад ва ҷонашро бо ҳамин халос кунад.

Гуноҳи ронанда чӣ буд,? Ба назди нозири роҳ рафта пурсидам ман. Гарчанде дида будам, ки ронандаи халосхӯрда навакак дар байни роҳ мошинҳои гирду атрофашро ба назар нагирифта, мошини худашро гардонда буд, ки ба дасти нозир афтод. Нозири роҳ гиламандона "ронандаҳо тамоман қоидаҳои роҳро риоя намекунанд. Дар куҷое, ки хоҳанд мошинашонро мегардонанд",- гуфта ҷавоб дод.

- Ин гуноҳи кӣ аст, агар ронандаҳо қоидаҳои оддитарини роҳро риоя накунанд. Аломатҳои роҳро ба назар нагиранд. Дар болои гузаргоҳи пиёдагардон истодани онҳо гӯё кори маъмулӣ бошад, ҳатто парво надоранд. Ба фикрам ҳуҷҷати ронандагӣ аз тарафи шумо дода мешавад?- гуфта пурсидам. Нозири роҳ эҳтимол ба суханҳоям сарфаҳм нарафт, ки дар ҷавоб:

- Мувофиқи моддаи 3-и кодекси 123 мо онҳоеро, ки қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон мекунанд, ҷарима мекунем. Ва дигар ҳарфҳои маро гӯш накарда, ҳуштаккашон аз қафои мошинҳо рафт. Аҷабо, ин мушкилиҳоро кӣ ҳал мекарда бошад?

### ЭЪТИРОЗИ РОНАНДАҲО

Чашмам ба ронандаи мусофиркаши хатсайри 25, ки дар канори роҳ манъ карда буду асабонӣ менамуд, афтод. Ҷуръат карда, ба наздаш рафтаму пурсидам, ки барои чӣ ин қадар нороҳат аст. Ӯ ба тарафи ман бо ғазаб назар афканд:

-Журналистӣ? Ҳамаи журналистҳо яккеланд. Гапи ростро намегӯянд. Намебинед, ки нозирони роҳ фақат мошинҳои мисли мо фақиронро манъ мекунанд. Ҳоло он ки мошинҳои сиёҳшиша аз ҳама бештар қоидаҳои роҳро вайрон мекунанд. Онҳоро ҳеҷ гоҳ манъ намекунанд, зеро метарсанд. Гунаҳкор фақат моем,-гуфта эътироз кард.

### ХОРИҶИҲО ПИСХАНД МЕЗАНАНД

Чанде пеш меҳмони хориҷиеро дидам, ки дар назди маҳаллаи Сирк гӯшҳояшро бо панҷаҳояш мепӯшид. Аз ӯ пурсидам, ки ҷаро чунин мекунад. Гуфт, ки аз сигнали мошинҳо торҳои асабам ба дард омаданд. Ва илова кард, ки ин амали ноҷои ронандаҳо хеле ҳайратовар аст, чун сабаби сигнал додани онҳо маълум нест. Дар давлати мо агар ронандае бе ягон сабаб сигнал занад, ҷарима баста мешавад. Дар охир хулоса карда гуфт, ки ронандаҳои Тоҷикистон фарҳанги мошинронӣ надоранд.

Хуллас, қоидавайронкунии ронандаҳо дар роҳ, нигоҳ накардан ба аломатҳои шартӣ, суръати баланди ҳаракат, банд кардани хати дувуму сеюм (ғолибан аз ҷониби "Старекс", "Спринт" ва таксиҳои сесомона), ки барои гузаштани мошинҳое, чун ёрии таъҷилӣ ва мошини оташнишонӣ муқаррар шудаст, мушкилест то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Яқин аст, ки бо ронандагони мошинҳои мусофиркаш аз ҷониби ширкатҳои масъул ягон кори фаҳмондадиҳӣ бурда намешавад. Ё қонунгузорӣ ҳеҷ уҳдадорӣ барои ин ширкатҳо муайян накардааст ва ё агар ҳамин гуна қонун бошад, он комилан риоя намешавад. Чун ҳеҷ эҳсос намешавад, ки барои ронандагони мусофиркаш аз ҷониби ширкатҳои масъул дарси одобу муошират ва ё этикаи ронандагӣ гузаронида шавад.

Ҷаро ронандагони ин ширкатҳо дар нақлиёташон нишони ширкати масъулро насб намекунанд ва ё ягон либоси хизматии ягона надоранд, ки мардум онҳоро аз мусофиркашони тасодуфӣ фарқ кунанд? Ба роҳбари ширкати мусофиркашӣ шикоят баранд?

Ба ин бемасъулиятӣ назар афканда, бе ихтиёр ба сари кас ин суол меояд, ки мусофиркашонӣ ба хотири хизматрасонии мардум аст ё танҳо ба даст овардани даромад?

**Гулҳаёи МАДИМАР**



# ДУРӢ АЗ КИТОБ

## ҶАҲОЛАТРО ПЕШ МЕОРАД

### ё ҷои китобро чӣ мегирад?



**Дар зиндагии инсонҳо ҷои китобро чӣ метавонад бигирад? Ин саволест, ки бисёре аз муҳаққиқон ба он ҷавоб меҷӯянд. Бештар шудани имкони дастрасӣ ба маводҳои техникии пахшу тамошои филмҳо, интернет, планшету дигар воситаҳои пахши иттилоот, кинову гузоришҳои видеоӣ аз василаҳои кам шудани таваҷҷуҳ ба китобу китобхонӣ дониста мешавад.**

В**АЛЕ** сардори корхонаи давлатии "Таъмин ва савдои китоб" **Сироҷиддин Икромӣ** аз шахсоне аст, ки дар ин маврид назари худро дорад.

Дар оғози мусоҳиба аз ӯ пурсидам, ки **барои коҳиши бетаваҷҷуҳӣ ба китоб, мутолиаи он ва дубора тақвият кардани ҷойгоҳи ин калиди маърифат чӣ бояд кард?**

-Ибтидо бояд таъкид кунам, ки бештари бадбахтиҳо дар ниҳоят аз бемаърифатӣ манша мегиранд. Айни ҳол аз мо тақозо мешавад, ки барои баргардондани китоб ба ҷойгоҳе, ки дар солҳои ҳаштодуми қарни гузашта дар ҷомеаи Тоҷикистон дошт, бедорсозию дилбастагии мардум ба мутолиаи он аз тамоми имкониятҳо бояд истифода барем. Пӯшида нест, ки расидан ба ин ҳадаф кори саҳл нест ва аз дасти як ду кас намеояд. Ҳамагон бояд пайгири ин масъала бошем. Собит шудааст, ки нахустманбаи эҷоди муҳаббат нисбат ба китоб хона ва боғча аст. Аз замони ҳузури кӯдак дар боғча ва хонаводаҳое, ки ин имконро надоранд, дар муҳити оила бояд ин масъаларо пайгирӣ кунанд. Ҳар як хона ва муассисаи томактабӣ бояд китобхонаи худро дошта бошад. Саъй бояд бар он намуд, ки китоб ҳамарӯза пеши чашми кӯдак бошад. Агар кӯдак яке аз пайвандони худро саргарми мутолиаи китоб бинад, хоҳ нохоҳ дар зеҳни ӯ суол пайдо мешавад, ки барои чӣ китоб мехонанд? Китоб ба кас чӣ медиҳад? Дар китоб чӣ навишта шудааст? Ин мавзӯъ ҷузъе дар мағзи ӯ хоҳад шуд.Ӯ саъй мекунад ба ин суолҳо посух ёбад ва муроҷиат ҳам мекунад. Пас, ин маънои онро дорад, ки кӯдак барои пазироии маълумоти дақиқ нисбат ба китоб омода мешавад. Аз ин мавзеъ, калонсолон бояд хуб истифода кунанд ва бо хондану нақли ҳикояти аҷибу ҳадафманд муҳаббати китобро дар қалби кӯдак бедор созанд. Аз рӯйи инсоф қазоват кунед, агар кӯдак боре ҳам дар дасти волидони худ китобро набинад, аз куҷо китобхон мешавад?

Мураббии боғча ҳам дар баробари гузаронидани машғулиятҳои гуногун бо хондани ҳикоёти аҷиб ва мароқовар бузургии китобро ба кӯдакон амалан нишон медиҳад. Мактаб ҳам бо роҳандозии маҳфилҳову озмунҳои мухталиф марбут ба китоб ба монанди "Биё, китоб мехонем!", "Китоби дӯстдоштаи ман", "Китоб-хазинаи дониш"... дар бедорсозии завқи хонандагон нисбат ба китоб нақши муассир метавонад бозад. Телевизиону родиё низ бо роҳандозии барномаҳо метавонанд, номи китобро дар доираи васеътар вирди забони наврасон гардонанд. Албатта, ин тадбири фарҳангӣ боис ба он мешавад, ки наврасони мо рӯ ба китоб биёваранд.

Аз тамоми роҳҳо истифода гардад, то китоб барои кӯдакону наврасон ҳамчун калиди кохи маърифат, манбаи дониш, забон, хушахлоқӣ, ҳидояткунанда ба сӯйи саодату хушбахтӣ ва мояи ифтихору иззату эҳтиром бозгӯ шавад ва дар қалби нозуки онҳо нисбат ба китоб ва мутолиаи он меҳру муҳаббат бедор гардад. Агар боз ҳам дар ғафлат монем, пас, яқин бидонем, ки муҳаббату завқи кору бозӣ бо компютеру телефон боз ҳам пештоз хоҳад монд ва аз китоб сарфи назар мешавад.

Ба таъкид мегӯем, ки масъалаи мавриди баҳс нигаронкунанда буда, рафъи онро nабояд саҳл шумурд. Ҳамеша дар мадди назар бояд дошт, ки дурӣ аз китоб ҷаҳолатро пеш меорад ва ҷаҳолат ҷуз бадбахтӣ чизи дигаре подош надорад.

**- Дар баъзе аз маҳфилҳо гаронии нархи китоб яке аз сабабҳои дур шудани мардум аз ин ганҷ дониста мешавад. Назари шумо дар ин маврид чист?**

- Бо дарназардошти ин ки Тоҷикистон тавлидкунандаи маводи хоми маҳсулоти чопӣ (коғаз, кортон, ширеш, ранг, ришта ва ғ.) нест, боз ҳам нархи китоби мо дар муқоиса ба нархи китоби кишварҳои истеҳсолкунандаи ин мавод (Чин, Русия) гарон нест. Дар бозори китоби тоҷик ками дар кам ба назар мерасад, ки китоб бо коғази барои чопи рӯзномаҳо пешбинишуда чоп шавад, аммо дар Русия инро дар ҳамаи дӯконҳои китобфурӯшӣ мебинем ва нархи чунин китобҳои русӣ аз китобҳои тоҷик, ки бо коғази офсет бо сифати хуб чоп шудаанд, арзиши баландтар доранд.

Нуқтаи назари дигари ҷолиб, ки гуфтанаш ҳатмист, бархе аз коршиносон яке аз сабабҳои паст шудани нишондоди фурӯш ва дур гардидани мардум аз мутолиаи китобро дар сатҳи пасти иқтисоди хонаводагӣ ва камбуд дар иҷтимоъ арзёбӣ мекунанд. Борҳо собит гардида, ки ҳар гоҳе сухан аз китоб равад, ин сухан гуфта мешавад, дар дигар маврид не. Барои касе пӯшида нест, ки имрӯз ҳар як хонадони тоҷик камаш аз се телефони мобилӣ истифода мебарад. Барои пур кардани суратҳисоби ҳар як телефон дар як рӯз агар ҳадди аққал 5 сомонӣ сарф шавад, дар 1 моҳ ба 150 ва дар маҷмӯъ барои 3 телефон ба 450 сомонӣ мерасад. Ин касеро ташвиш намедиҳад. Айб аз мо, калонсолон аст. Зеро мо дар ғафлат мондем, сари маърифатнокии фарзандон кам аҳамият додем ва натавонистем аз хурдӣ муҳаббат ба китобро дар дили фарзандони худ бедор созем. Алъон анҷоми ин кор хеле мушкил аст, чаро ки аз ҷумлаи воситаҳои хабаррасонӣ бо майлу муҳаббат ба телефони ҳамроҳ дилҳои наврасону аз онҳо бузургтарро пур кардаему барои китобу китобхонӣ ҷое боқӣ нагузоштем. Масъалаи дигари ҳалталаби умури ноширӣ он аст, ки то кунун нархгузорӣ (чӣ нархи хизматрасонии чопхонаҳо ва чӣ нархи фурӯши маҳсулоти чопӣ) ба як низоми муайян даровarда нашудааст. Мусаллам аст, ки иқтисоди бозоргонӣ ҳукмравоӣ дорад ва нарх озод аст, аммо ин маънои онро надорад, ки дар ин самт бебандуборӣ идома ёбад. Яке аз сабабҳои асосии болоравии нархи китобҳо агар баланд шудани нархи маводи хоми чопӣ дар бозори ҷаҳонӣ бошад, аз тарафи дигар дар кишвари мо кам будани теъдоди нашри китобҳост. Имрӯз китоби тоҷик ба ҳисоби миёна 500 нусха (дар маҷмӯъ аз 200 то 2000 нусха) ба нашр мерасад, ки ин ба нархи китоб бетаъсир намемонад. Зеро нархи хидматрасонии чопхона барои 1 нусха ва ё 1000 нусха яксон боқӣ мемонад. Агар дар сурати теъдоди 500 нусха нархи хидматрасонии чопхона ба 1000 сомонӣ баробар бошад, пас барои ҳар як нусха ду сомонӣ, вале агар ҳазор нусха бошад, як сомонӣ рост меояд. Сабаби дигари баланд будани нархи китобҳо пардохти андозу боҷ аз тарафи воридкунандаи коғаз, истифодабаранда ва фурӯшандаи маҳсулоти аз он бадастомада аст. Агар сари сабукии кор тадбири зарурӣ андешида шавад, умед аст, ки нархи китобҳо ба маротиб паст хоҳад шуд. Чун имрӯз барои ҷалби бештари мардум ба китоб ва мутолиаи он саъйю талош дорем, бояд аз ҳама имконот истифода барем ва пеш аз ҳама иҷтимои мардумро беҳтар намоем. Зеро тавре дар боло ишора рафт, камбуд дар иҷтимоъ ба сарфи назар гардидани маънавиёт боис мегардад. Мусаллам аст, ки пештозии моддигароӣ ба қафомонии маънавиёт оварда мерасонад. Дар чунин ҷомеа тафаккур дар бештари маврид барои ҳалли масоили моддӣ ва маишӣ истифода шуда, зеҳни инсон аз манобеи маънавӣ кам ғизо мегирад. Табиати инсонӣ чунин офарида шудааст, ки чун барояш таъмини муназзами ғизои маънавӣ коҳиш меёбад, дилбастагияш ба неъматҳои моддӣ бештару бештар мегардад ва ҳирси мол доман густурда, тадриҷан доираи корбурди маънавиётро танг мекунад. Бо ин ҳол ҳуҷайраҳои майнаи сар ҷойи рушду густариш ёфтану фаъол гаштан, баръакс, карахт мешаванд, зеро онҳо танҳо барои ҳалли як масъала, сер кардани шикам, роҳандозӣ фаъол мешаванд. Ин омил пешравии ҷомеаро ба мушкил рӯ ба рӯ карда, оқибати ногуворeро ба бор меоварад.

> *Барои касе пӯшида нест, ки имрӯз ҳар як хонадони тоҷик камаш аз се телефони мобилӣ истифода мебарад. Барои пур кардани суратҳисоби ҳар як телефон дар як рӯз агар ҳадди аққал 5 сомонӣ сарф шавад, дар 1 моҳ ба 150 ва дар маҷмӯъ барои 3 телефон ба 450 сомонӣ мерасад. Ин касеро ташвиш намедиҳад.*

**- Аммо техникаву таҷҳизоти нави фаннии муосир шароитеро фароҳам кардааст, ки як нафар агар бихоҳад, ҳатто як саҳифа китоб ё рӯзнома нахонда, дар ҷараёни тамоми рӯйдодҳои олам қарор мегирад...**

- Дуруст. Вале дар ёд бояд дошт, манфиат ва кайфияте, ки шахс аз мутолиаи китоб мегирад, ҳеҷ дигар маводи фарогир ва ироакунандаи маълумот дода наметавонад. Инчунин аз миёни кулли фарогирҳо ва инъикоскунандаҳои маълумот, танҳо маҳсулоти коғазӣ барои инсон аз ҳама безарартар дониста шудааст. Ин нукта бофтаи мо набуда, балки дар тӯли садсолаҳо исботи худро ёфтааст. Ҳамин андешаро наметавон дар нисбати корбурди компютеру телефону планшету дигар васоити электронӣ ба забон овард. Назари моро дар ин маврид ҳар як истифодабарандаи баинсофи ин воситаҳои маълумотдиҳӣ тасдиқ хоҳад кард. Бартарияти маҳсулоти чопии коғазӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки кафолати ҳифзу нигоҳдории он барои садсолаҳо дода мешавад, аммо муҳлати нигаҳдории фарогирҳои электронӣ то кунун мушаххас нест. Технологияи муосири иттилоотӣ аз маҳсулоти анъанавии коғазӣ як бартарият дорад ва онро ба ҳеҷ сурат наметавон нодида гирифт. Мавриди назари мо сабукӣ дар сомондиҳии умури навишторӣ, веросторӣ, дастрасӣ, сабту нигоҳдорию интиқоли маълумоти зарурӣ ва болотар аз ин, сарфакорӣ дар истифодаи вақт аст.

Ҳамин бартарӣ боис ба он гардида, ки ин технология мавриди истиқболи гарми истифодабарандагон қарор бигирад ва доираи корбурди маҳсулоти коғазӣ беш аз пеш танг шавад. Аммо китоб ва маводи дигари навишташуда ба рӯи коғаз манбаи аслии бахшандаи кайфияти маънавӣ ва роҳати ҷисмонӣ боқӣ хоҳад монд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

Минбари халқ
4 ноябри соли 2015,
№45 (1024)

# АЗ ҲОЛАТИ ҲАЯҶОН ЧӢ ТАВР РАҲО ШАВЕМ?

**Аз ҳолати ҳаяҷону фишор, ки маъмулан ҳолати стресс мегӯем, чӣ тавр зуд раҳо шудан мумкин аст? Чанд шакли раҳоӣ аз фишор ва ба ҳолати озод гузаштани асабу рӯҳияи инсонро пажӯҳишгарон маълум кардаанд.**



Як газ чизе хӯрдан ва каме об нӯшидан роҳи содда ва осони раҳоӣ аз ҳолати стресс аст. Табибон дар ин ҳолат як пиёла чойи сабз хӯрданро беҳтар медонанд. Чойи сабз манбаи L-тианин буда, як антидеприсанти табиӣ аст. Чой барои паст кардани изтиробу ғазабе, ки дар ҳоли шиддат гирифтан бошад ва пешгирии фишори равонӣ кумак мерасонад.

Хӯрдани як пора шоколад ҳам шахси бағазабомадаро ором мекунад.

Фақат шоколад не, аз ҳар хӯриши ширин каме чашидан асабро ором месозад.

Шоколади сиёҳ (қаҳвaӣ) сатҳи ҳаяҷон дар гормонҳои кортизолро ором намуда, мубодилаи моддаҳоро ба танзим медарорад.

Асал алтернативаи хуб ба шоколад аст ва шояд аз он ҳам беҳтар бошад. Асал, инчунин бо депрессия ва изтироби рӯҳӣ метавонад мубориза барад.

Хоидани сақич (жвачка) аз дигар роҳҳои содда ва осон раҳо шудан аз ҳолати стресс аст. Ҳамагӣ чанд дақиқа сақич хоидан метавонад ташвишро кам карда, сатҳи кортизолро поён барад. Дар ҳолатҳои дигар агар ба ҳаяҷон омада бошед, ягон хӯриши бирёншуда ба даҳон партоед.

Чизе бошад, ки беҳад ширин ва аз ҳад зиёд шӯр набошад.

Чунин хӯриши идеалӣ ва муносиб донаки чормағзи заминӣ ё донагиҳои дигари полезӣ аст, ки мо одати бирён кардану хӯрданро дорем.

Агар шумо аз хӯрдани хӯришҳои ширину шӯр парҳез ҳастед, лаҳзае ба ҷаҳони ботинии худ фурӯ биравед.

Як даме мулоҳиза кунед, ғарқи хаёлоти рангин шавед. Агар дар маҳали кор бошед, зарурате ба ҷустуҷӯи табиату кӯҳҳои берун аз тиреза нест. Ба шумо фақат лозим аст, ки андаке дар ҷои нишаст худро ороми ором тасаввур намоед. Дар ҳолати нишаста, чашмонатонро пӯшида худро дар оғӯши табиати зебою рангин бинед.

Таваҷҷуҳ ба нафаскашии худ кунед. Агар имкон бошад, сар болои болиштак гузоред ва сабуку чуқур нафас кашед.

Албатта, ҳеҷ нафаре фоидаи як дам хоби хубу бароҳатро рад намекунад, вале дар маҳали кор ва дар коргоҳ ин чиз номумкин аст. Бинобар ин, агар як дамаке фурсат дошта бошед, дастони худро рӯи миз мисли болиштак карда, пешониатонро ба болояш гузоред.

Лаҳзае тасаввур намоед, дастонатон ҳамон болиштаки сеҳрнок аст, ки мисли обчинак ҳамаи мушкилоти шуморо ҷабида мегирад.

Агар машқҳои дигари махсуси нафаскаширо медонед, дар ин ҳолат аз онҳо ҳам истифода кунед.

Кӯшиш кунед, ки истироҳататон афзоянда бошад.Агар изтироби шумо бештар бошад, дастонатонро ба якдигар мушт карда, соиш диҳед.

Ба ҳам соиш хӯрдани мушакҳо барои ҳолати ҷисмонӣ ва равонӣ таъсири муфид мерасонад.

Ин машқи оддӣ воситаи хуби ба ҳолати хоб овардани организм аст.

Барои ин кор аз як то даҳ ва ба тартиби баръакс шуморед.

Дар ҳолати дигар чашмонатонро пӯшед, худро аз ташвишҳои рӯзмарра берун тасаввур намоед, панҷ дақиқа худро ором нигоҳ доред ва фикри дигаре ба сар роҳ надиҳед.

**МАСҲИ ДАСТҲО.** Дастҳо маркази ба ҳам омадани ташвишу шиддати рӯҳӣ аст.Ба хусус дастони нафароне, ки бо клавиатура ва компютер кор мекунанд, ҳамеша дар ҳолати фишор қарор доранд.

Панҷ дақиқа масҳ ё соиш додани дастҳо барои ором шудани таппиши дил кумаки зиёд мерасонад.

Агар шумо шахси идорашин ҳастед, бо худ як тӯбчаи хурд ба ҷои кор оред. Дар ҳолати боло рафтани ҳаяҷон ва рӯҳафтодагӣ онро зери по гузошта бо кафу суми по ғелдиҳед, ба ин васила поҳои шумо ҳам масҳ мешавад ва ҳам аз чунин молиш асабатон ором мегирад.

Баъзеҳо чунин тӯбчаҳои хурдро антистресс меноманд ва ҳамеша бо худ мегардонанд.

Бозӣ бо ин гуна тӯбча барои ба ҳолати оддӣ баргардондани рӯҳияи шумо дар ҳар навъ ҳолати ногувор мадад мерасонад.

Да ҳолатҳое, ки шумо мехоҳед аз ғазаб як нафар ҳамкор ва шахси дигари бароятон бадро бӯғӣ кунед, амм наметавонед, чанд дақиқа бозӣ бо чунин тӯбча шумор аз ин ногуворӣ мебарорад.

Мавриди дигари раҳоӣ а ҳолати ҳаяҷону стресс ба рӯ оби хунук зада, гӯшҳоро м лидан аст.

Чунки дар рӯй ва пушт гӯш рагҳои калони хунгуза ҷойгир буда, бо ин амал ва б расидани оби сард тамом организм ором мешавад. (Я сабаби гӯшу ду тарафи га данро вақти таҳорат тар ка дану масҳ кашидан ҳа ҳамин ором кардани рӯх ҷисм аст. Бояд маълум ша вад, ки ин амал ҳам хеле қаб аз Ислом мавҷуд буд ва ба дан ба як одати исломӣ та дил ёфт).

Дар ҳолатҳои гирифтор ба ҳаяҷони баланду стресс ҷ худро тағйир диҳед. Б ҳавохӯрӣ бароед. Дар берун аз нурҳои офтоб як дам ҳаловат баред. Як каме аз офтоб баҳравар шудан роҳи осони сабук кардани рӯҳ аст. Ин усули самараноки табобати одамон аз стресс ва афтодарӯҳӣ ҳам аст. Агар имкони аз ҷои кор ё аз хона баромаданро надоред, аз тиреза ба берун нигаред. Рафту омади мардум, мошинҳо ва парвози паррандагонро мушоҳида намоед.

Ин ҳолат ва манзараҳои табиӣ таъсиргузортар аз тамошои чунин манзараҳо ё филму ҳар гуна намоиши ҷолиб аз телевизор аст.

Гоҳ-гоҳ дар чунин ҳолат барои чанд лаҳза ба гардиш машғул шавед, зуд- зуд ва тунд қадам занед, ки барои поён рафтани ҳаяҷонатон мадад мекунад. Чанд лаҳза дур будан аз наздикону шиносҳо ҳам фоидаи равонӣ дорад.Бо танҳо мондан шумо якбора ду фоида мегиред. Асабатон дам мегирад ва ҳам иҷрои чанд машқи ҷисмонӣ ба бадану ба ҳолати равониатон таъсир мегузорад.

## ЭҶОД ВА МАШҒУЛИЯТ

***Гоҳе бо қаламу когаз кор кардан ҳам боиси ороми асаб ва таскини рӯҳияи шумо мешавад. Албатта, чунин кореро онҳое хуш доранд, ки ҳалли кроссворду сканвордро дӯст медоранд. Дар чунин ҳолат магзи шумо бо ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволу супоришҳои рӯи когаз стрессро аз байн мебарад.***

***Бӯи хушу рӯи хуш ҳам барои рафъи ҳолати стресс муфид аст***

***Дар ҷайби худ доштани шишаи атри хушбӯ ҳам фоида дорад. Дар ҳолатҳои ногувор ва вақте ки ҳаяҷони баланд доред, боз кардани сари шиша ва ба машом расидани бӯйи хуш чӣ ҳаловатбахш аст.***

***Бӯи гуворо метавонад дар як дона гули тӯбаки назди тиреза ҳам бошад ва тану ҷони шумо ороми бахшад. Бӯи равгани геран ҳам мумкин аст оромбахш бошад ва бо ин ки ба ретсепторҳои бӯгири бинӣ мефорад барои пешгирии фишор мадад мерасонад ва бинобар пайваст будан ба он қисми магзи сар, ки ба танзими рӯҳияи кас вобаста аст, кумак мекунад. Баъзеҳо беҳтарин бӯй барои ретсепторҳои бинии инсонро бӯи растаниҳои ситрусӣ ва қаҳва медонанд.***

## МУОШИРАТ ВА ҲАЛОВАТ

***Рӯзу замони истироҳати худро пешопеш ба нақша гиред. Фикри мусбат дар мавриди рӯзҳои истироҳату таътилоти оянда ҳолати рӯҳафтодагиро аз вуҷуди шумо гум мекунад.***

***Дар поёни як рӯзи вазнини кор ҳеҷ чизе ҳаловатбахштар аз ба оғӯш гирифтани наздиконатон нест. Фарзандони хурдсол, набераҳои дӯстрӯяку ширинаки шумо беҳтарин касоне ҳастанд, ки агар баробари аз дари манзил даромадан бағал кушода сахт ба оғӯш гиред, тамоми хастагии шуморо аз байн мебаранд.***

***Ва агар ин азизону пайвандон ва дӯстонатон дар наздики шумо нестанд, ҳайвонҳои хонагие, ки доред, барои аз ҳолати изтироб раҳо шуданатон мадад мерасонанд.***

***Сила кардани сари гурбаю саге, ки омадани шуморо дар хона албатта интизорӣ мекашанд, василаи дигари раҳоӣ аз ҳолати хастагию афсурдагӣ аст.***

*Таҳияи* **С.ЮСУФ**

# ҲАР СУХАН ҶОЕВУ ҲАР НУҚТА МАҚОМЕ ДОРАД

**Ҳамин гуфтаи пирони хирадро чандест дар сар дорам. Аслан мақсад аз ин гуфта чист? Албатта дар таҳлили ин мисраъ андешаи чандеро шунидам. Аммо ба худ қонеъ нашудаву мазмуни байтро аз рӯзгори имрӯзаи ҷомеа ҷустам.**

Ба худ мегуфтам, чӣ ҳикмате бояд дар ҳаёти имрӯза аз ин мисраъ мавҷуд бошад. Бале замоне, ки пуртазод асту ҷаҳонишавӣ тамоми оламро фаро гирифтааст, бешак нигоҳдошти ҳувияти миллӣ ва асолати худшиносӣ нақши хеле муҳимро дар таҳкими ҷомеаи мутамаддин мебозад. Андеша рондаму мисраи болоиро бо худ чунин шарҳ додам. Яъне манзур аз гуфтаҳои боло ин аст, ки ҳар сухан ҷое, мавқее бояд дошта бошаду ҳар шахс ё рафтори шахс бояд ҳудуди муайянеро фаро гирад. Фикр мекунам ин беҳтарин амал мешуд, барои ҳар як инсони соҳибхирад. Чаро ин гуфтаҳо дар тасаввуроти ман омадааст? Баъзан аз кӯча мегузариву ба гӯш ғайбати мардум ва туҳмату буҳтони онҳо нисбати ашхоси гуногун мерасад. Чун медонӣ, ки аслан ин вазифаи онҳо неву сухани мегуфтаашон дар доираи одоби инсонӣ рост намеояд.

Дигар ин ки бисёр риққатовар аст, вақте ки шахс замоне ба шабакаҳои интернетӣ ворид мешаваду нисбати ҳамдигар таҳқиру рафторҳои ношоистаро аз тарафи нохалафон мебинад. Худ қазоват кунед, хубтар нест, ки ҳар шахс ба кори худ сару кор медошту аз паи зиндагии осоиштаи хеш мерафт. Охир ҳар соҳаи ҳаётро донандагони он дуруст сарфаҳм меравванду дахолати дигарҳо ба зарари кор аст..

Аҳволи донишҷӯёну хонандагонро бошад тасаввур кардан ҳам намехоҳам. Ростӣ, ман ба заковати бисёре аз ҷавонон эҳтиром мегузорам ва умед баояндаи дурахшони миллату давлатро аз дасти онҳо мебандам. Аммо ҳастанд қисмате аз онҳо, ки ба корҳои беҳуда, ба мисли тамошои филмҳои хусусияти зӯроваридошта, фисқу фуҷур тавассути шабакаҳои интернетӣ машғуланд ё сари компютерҳо ба бозиҳои нолозим машғуланд. Ё қисме дар шабакаи интернет бо ҳам сухан карда, ҳар хел алфози қабеҳ мезананд, ки ин аз костагии фарҳанги муносибати мо нишон медиҳад. Инро дидаву дониста, осуда будан ҳеҷ мушкил нест. Хуб намебуд, ки ин ҷавонон ба кори таълим камар мебастанд ва ё ба мутолиаи китобҳо машғул мешуданд.



Имрӯз ҳар як падару модар бояд аз фарзанди худ бохабар бошад, ки ӯ ба чӣ корҳо машғул асту бо киҳо дустӣ пайдо кардааст. Хеле хуб мешуд, ки аз тақдири ояндаи Ватан ба фарзанди худ нақли солҳои вазнинро мекарданду дар пешгирии шомилшавии онҳо ба ҳар гуна равияву тафриқаҳо ва ҳаракатҳои ифротгаро чора меандешиданд. Аз ахлоқи ҳамида сухан мегуфтанду ба фарзандони навраси худ ба қадри пул расидан ва ҳам маслиҳат медоданд, ки эҳтироми пиронсолонро ба ҷо оранд. Дар интихоби дӯст ҳушёр буданро мефаҳмонданду барои омода шудан ба ба хизмати Модар-Ватан рафтани онҳо мусоидат менамуданд. Ростӣ, имрӯз насли наврас ба панди пирон, насиҳати волидайн ва дастгирии падарон сахт эҳтиёҷ доранд.

Вақте фаро расидааст, ки бояд хонандаи мактаб, донишҷӯ ё ашхоси синни калонтар бояд дарк намояд, ки дигар босаводона рафтор кард ва дар муносибатҳо эҳтироми ҳамдигарро ба ҷой овард. Хусусан ҳангоми мулоқот дар шабакаҳои компютерӣ ботамкин будан ва бо андеша сухан гуфтан тавсияи аввалини мо аст. Охир чаро хуб набошад, ки вақте ҳамаи калимаҳо дар ҷумлаи навишташуда бо тартиб ва дар ҷояш қарор доранд.

**А. УБАЙДОВ**, *мутахассиси Маркази технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсияи ноҳияи Мастчоҳ*



Муҳаммад ..., академики тоҷик

Доруи ҳароратпасткунанда

Ҳарфи Н дар кимиё

Ишораҷонишин барои ашёи наздик

Сураи Қуръони маҷид

Мӯи бофта

Политолог, донандаи сиёсат

Шаҳр дар Эрон, зодгоҳи шоир Шамси ...й

Сӯзишворӣ

Воҳиди пули Япония

Ҳоло, акнун

Дудбаро

Фан оид ба сохти бадани одам

Шарм

Инсоф

Ҳунарнамоӣ дар болои дор

...и акрам Муҳаммад (с)

Мева

Паррандаи калони сиёҳ ё ало

Шабакаи ТВ-и Русия «...-Планета»

Борис ..., кинорежиссёри тоҷик

Физика ё забони хориҷӣ дар мактаб

Артур Конан ..., муаллифи Шерлок Холмс

Пойтахти Таиланд

Номи ҳарфи арабӣ

«Латифа» ба русӣ

Ҳақиқӣ

Моҳи «шохдор»-и толеънома

Баъди он омин мегӯянд

Ҷанг, муштзанак

Модар (лаҳҷа)

Пойтахти Филиппин

Муқобили бохт

Поён, зер

Гардан-банд

«Х» дар алгебра

Ҳашароти меҳнатӣ

Шаҳр дар Фаронса

Номи аломати «минус» дар дарси забон

Пойтахти Украина

Мактаби олии мусиқӣ

Супориштои пеш аз марг

**ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | М | | | Б | | | Г | | Т | | А | | | А |
| | | | | | | И | С | К | А | Н | Д | А | Р | К | У | Л | | | В |
| | | | | | | Р | | | Р | | О | | Е | | | М | А | Ш | Қ |
| | | | | | | З | Е | Б | О | | М | И | Л | И | С | А | | | О |
| М | У | С | Т | А | Ф | О | | | Б | Д | А | | С | | О | | Ю | Р | Т |
| | | У | | | А | | | | А | | Н | | | А | Ф | Т | | У | |
| | | Р | О | Я | Л | | Б | А | Р | З | А | Г | О | В | | У | | Д | |
| Д | | У | | | С | К | А | | | О | | У | | Т | А | Б | И | А | Т |
| И | Н | Ш | О | | А | | К | О | С | Т | Ю | М | | О | | | | | А |
| Л | | | Л | | Ф | | | | | | | Р | И | М | | | | | Ъ |
| К | А | Б | У | Т | А | Р | | | | | | У | | О | | | | | Ҷ |
| У | | А | | А | | А | | | | | | К | У | Б | | | | | И |
| Ш | | Ё | | Н | | Д | | | | | | Ч | | И | | | | | Л |
| О | Д | Н | О | К | Л | А | С | С | Н | И | К | И | | Л | О | Т | И | Н | И |



Ин аҷиб аст

# ДАР АНГЛИЯ ХУДКУШРО ҶАЗОИ ҚАТЛ ИНТИЗОР АСТ

u Шумораи сарбозони артиши амалкунандаи Монако 82 нафар аст.Ин ягона кишвар дар дунёст, ки шумораи миқдори сарбозон аз шумораи дастаи мусиқичиёни ҳарбии артиш (85 нафар) камтар аст.

u Зиёда аз 3000 навъи картошка маълум аст.

u 15 феврали соли 2011 ғаввоси швейтсарӣ Петер Кола рекорди нави манъи нафаскаширо монд - ӯ зери об бе акваланг 19 дақиқаву 21 сония қарор дошт.

u Оҳангсози австриягӣ Иоганн Албрехтсбергер аз якравии шогирдаш чунон дилзада шуда буд, ки замоне хитоб намуд: "Ин аҳмақи нодон ҳеҷ чизро аз худ накардааст ва нахоҳад кард!" Номи шогирди ӯ Людвиг ван Бетховен буд, ки яке аз бузургтарин оҳангсозони олам аст.

u Каждумҳо метавонанд зиёда аз як сол бе ғизо зиндагӣ кунанд. Зиёда аз ин, каждумро метавон якчанд ҳафта дар яхдон нигаҳ дошт ва баъди ин ӯро "об кард" он нахоҳад мурд.

u Дар шаҳри Экибастузи Қазоқистон қубури калонтарини дудбаро дар олам воқеъ аст. Баландии ӯ 420 метр-100 метр баландтар аз манораи Эйфел аст.

u Шаҳри Ставрополи назди Волга соли 1964 тағйири ном кард. Шаҳр Толятти - ба шарафи котиби генералии ҳизби коммунистии Италия Палмиро Толятти номгузорӣ шуд.

u "Сӯхтори бузурги Лондон", ки соли 1666 рух дода буд, зиёда аз 80% шаҳрро нобуд сохт. Вале, тибқи маълумоти расмӣ, дар он танҳо 5 нафар фавтидааст.

u Хидмати бузурги кашшоф (разведкачӣ) - и шӯравӣ Рихард Зорге ин буд, ки ӯ таҷовузи Ҷопонро аз Иттиҳоди Шӯравӣ сӯи ИМА равона кард. Аз Марказ маблағи заруриро дастрас карда натавониста, ӯ фаъолияти занҷираи гумоштавиро аз кисаи худаш маблағгузорӣ менамуд. Зорге ба Сталин бениҳоят содиқ буд, нигоҳ накарда ба он, ки ҳамсарашро соли 1940 ба ҳабс гирифта буданд. Баъд аз фаъолияташро ошкор намудан соли 1941 ҷопониҳо ба Сталин пешниҳод намуданд, ки Зоргеро бо гумоштаи ба дасти шӯравиҳо афтидаи ҷопонӣ иваз намоянд, аммо Сталин онро рад намуд. Соли 1944 Зорге дар Токио ба қатл расонида шуд. Ҷолиб ин аст, ки бобои Рихард Зорге котиби шахсии Карл Маркс буд.

u Рехтани мӯи сари мардон дар Аврупо тақрибан 55%, Африқо на зиёд аз 18 фоизро ташкил мекунанд. Аҷиб он аст, ки рехтани мӯи сар миёни ҳиндувони Америка умуман ба мушоҳида намерасад.

u Ҷазираи калонтарини олам - Гренландия, ки масоҳаташ 2 миллиону 130 ҳазору 800 километри квадратист, ба Дания тааллуқ дорад. Ҳамин тариқ, Дания аз Мексика бузургтар аст.

u Одати қадимии бо дасти рост салом кардан маънои "ман силоҳ надорам ва ниятам холис аст"-ро дорад.

u Соли 1845 дар Англия қонуне баромад, ки тибқи он худкушро ҷазои қатл интизор буд. Яъне, "хоҳӣ-нахоҳӣ, мемурӣ".

u Заҳри аз ҳама пурқувваттарин миёни ҳайвонот аз қурбоққаи кокоа аст, ки дар ҷангалҳои Колумбия ба сар мебарад. Заҳри ӯ аз заҳри мори кобра 30 маротиба пурқувваттар аст.

**Д.АЗАМАТ**

*Давом дорад*




**u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
**u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
**u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
**u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
**u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

## ба ҳафтаномаи

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

## обуна шавед!

МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...



**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҳмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 224-49-29, 224-83-72

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси панҷуми факултаи рӯзноманигори телевизиони Донишкадаи фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода Насимзода Саъдӣ бинобар корношоямӣ, беэътибор аст.

**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*

**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

**Навбатдор: С.ЮСУФОВ**


